Аввалин шуда ба чунин марҳамати амир беки Ҳисор Яъқуббек қушбегӣ сарфароз гардид.

Ба зери тасарруфи ҳукумати амирӣ дохил шудани мулкҳои ниммустақили Бухорои Шарқӣ аҳволи мардуми ин диёрро беҳтар накард. Баръакс, дар ин сарзамини нав забтгардида аз рӯзҳои аввал бедодгарӣ ба дараҷаи олии худ расид. Вале бояд эътироф намуд, ки дар натиҷаи ба аморати Бухоро ҳамроҳ намудани мулкҳои пароканда ва ниммустақили Бухорои Шарқӣ, ин диёр низ дар қатори тамоми сарзамини аморат, оҳиста-оҳиста ба муносибатҳои молию пулӣ кашида шуданд.



*Намуди умумии қалъаи Ҳисор (расми соли 1894)*



*Посбонҳои шаб (шабгард) дар Қаротоғ (расми соли 1898)*

**Сарчашма:**

Капитани штаби генералии қӯшунҳои Русия Статкевич соли 1894 натиҷаи ҷангҳои харобиовари амир Музаффархонро

дар Бухорои Шарқӣ чунин тасвир кардааст: «Ба қавли сокинони ин маҳалҳо, тақрибан чил сол қабл аз ин водии Ширкент аз Дарбанд то Регар ва Кӯҳистони Қаротоғ ҳама боғу чаманзор буд, аммо дар вақти ҷангҳои дохилӣ, ки бо тобеъ шудани Регар ба амири Бухоро анҷом ёфтанд, ба вайроназор мубаддал гардид ва дигар рӯи беҳбудиро нахоҳад дид... Фақат ба боғҳои атрофи бозори Регар даромада дидем, ки ғайр аз харобазор чизе нест ва шаҳр як деҳачаи бозорист, деворҳои гилии нимвайрона масоҳати васеи чоргӯшаеро иҳота карда, даромадгоҳи он, ки аз дарвозаи бурҷнок аст, ба ботлоқ табдил ёфтааст». (Порча аз китоби: Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Китоби 2. – с. 179).

**Санаҳои муҳим:**

1870 – ҳуҷуми дуюми амир Музаффархон ба водии Ҳисор. Ба аморати Бухоро таслим намудани Ҳисор, Кӯлоб, Балҷувон ва водии Вахш.

1876 – бо ташаббуси губернатори ҳарбии Фарғона Скобелев ба сӯи Қаротегин ва Бадахшон фиристодани эъзомияи махсус.

1877 – тобеи аморати Бухоро гардидани водии Қаротегин.

1877 – ҳуҷуми якум ва дуюми Худойназар ба водии Дарвоз.

1878 – ҳуҷуми сеюми Худойназар ба водии Дарвоз ва тобеи аморати Бухоро намудани он.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Ҳуҷуми дуюми амир Музаффархон ба водии Ҳисор кай ба амал омад ва он чӣ натиҷа дод? 2) Мулкҳои Кӯлоб, Балҷувон, Қурғонтеппа ва Қубодиён чӣ тавр тобеи амири Бухоро шуданд? 3) Аз тарафи губернатори ҳарбии вилояти Фарғона бо кадом мақсад ба сӯи Қаротегин ва Бадахшон эъзомияи махсус ташкил карда шуд? 4) Қаротегин чӣ тавр тобеи амири Бухоро гардид? 5) Худойназар кӣ буд ва ӯ бо кадом роҳ Дарвозро тобеи Бухоро намуд? 6) Тарзи идоракунии мулкҳои Бухорои Шарқиро, баъди ба ҳайати аморати Бухоро дохил шуданаш, фаҳмонда диҳед. 7) §§1 ва 9-ро такрор намоед.

# БОБИ 4
# АНҶОМИ ИСТИЛОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ АЗ ТАРАФИ РУСИЯ

## §§11-12. ШӮРИШИ СОЛҲОИ 1873-1876 ВА БАРҲАМ ДОДАНИ ХОНИГАРИИ ҚӮҚАНД

**Сабаб ва баҳонаи шӯриш**

Барои ба вуҷуд омадани ин шӯриш як қатор омилҳо мавҷуд буданд. Пеш аз ҳама, як қисми мардуми Қӯқанд аз имзои шартнома бо Русия (13 феврали соли 1868) норозӣ буданд. Зеро, мувофиқи он на танҳо аз даст рафтани мулкҳои забт намудаи қӯшунҳои Русия эътироф карда мешуд, балки хонигарии Қӯқанд ҳам ба мустамликаи Русия табдил ёфт. Бинобар ин аз шартнома онҳое, ки истиқлолияти хонигарии Қӯқандро мехостанд, норозӣ буданд. Аз шартномаи мазкур тоҷирони қӯқандӣ ҳам норозӣ буданд. Онҳо минбаъд дар тиҷорати байни Русияю Қӯқанд аз қаламрави генерал-губернатории Туркистон берун фаъолият карда наметавонистанд.

Омили дигар ва асосӣ он аст, ки дар натиҷаи ҷангҳои мансабхоҳии Худоёрхону Маллахон ва ҷангҳо бо Русия хазинаи хонӣ холӣ гардид. Дар натиҷаи аз ихтиёри хонигарии Қӯқанд баромадани қисми зиёди сарзамини он, ки ба генерал-губернатории Туркистон тобеъ шуданд, даромади хазина хеле маҳдуд гардид. Минбаъд даромади хазина хароҷотро пӯшонида наметавонист. Бинобар ин дар хонигарӣ ҳаҷм ва намуди андозҳо нисбатан афзуд. Илова ба ҳамаи ин ҳангоми муайян намудани ҳаҷми андоз ва ситонидани он амалдорони маҳаллӣ

ба худсариҳои зиёд роҳ медоданд. Ҳамаи ин хашму ғазаби халқи меҳнаткашро зиёд намуд.

Баҳонаи асосии шӯриш бошад аз чорво зиёд ситонидани андоз-закот ба ҳисоб меравад.

### Оғоз ва рафти шӯриш

Шӯриш аввали баҳори соли 1873 пеш аз ҳама дар байни мардуми қирғиз сар шуд. Зеро, яке аз сарварони шӯриш будани Пӯлодхон (баромадаш қирғиз, писари мударриси «Оқмадраса»-и Марғелон, номи аслиаш Мулло Исҳоқ Мулло Ҳасан ӯғли) онҳоро рӯҳбаланд намуд. Аз ин рӯ, онҳо аввалин шуда ба майдон баромаданд. Шӯриш зуд маҳаллаҳои гуногунро фаро гирифт. Ба он дар қатори қирғизҳо, ӯзбекҳо ва тоҷикҳо низ фаъолона иштирок доштанд. Шӯриш аз моҳи июли соли 1873 характери мусаллаҳонаро гирифт.

Дар рафти шӯриш ба он қувваҳои гуногун ҳамроҳ гардиданд. Махсусан, аз моҳи июли соли 1875 ба шӯриш ҳамроҳ шудани дастаҳои Абдураҳмон офтобачӣ аҳамияти махсус дошт. Он ба шӯришгарон рӯҳияи тоза бахшид.

Абдураҳмон офтобачӣ (писари Мусулмонқул ном шахс, ки аз тарафи хони Қӯқанд Худоёрхон қатл карда шудааст) то соли 1875 ба яке аз қисмҳои аскарони хонӣ сарварӣ мекард ва дар пахш кардани шӯришҳо борхо иштирок карда буд. Вале соли 1875 ба муқобили хони Қӯқанд – Худоёрхон сӯиқасд ба вуқӯъ омад ва Абдураҳмон офтобачӣ ҳамроҳи писари калонии Худоёрхон – Насриддинбек иштирокчии фаъоли он буданд. Баробари ба тарафи шӯришгарон гузаштани сӯиқасдчиён давраи дуюми шӯриш оғоз мешавад. То ҳамон лаҳза Пӯлодхон роҳбари асосии шӯришгарон буд. Минбаъд ба шӯриш Пӯлодхон ва Абдураҳмон офтобачӣ якҷоя сарварӣ карданд. Онҳо Ӯш, Намангон, Андиҷон, Ассакӣ ва Олтиариқро ба даст даровара, бевосита ба худи Қӯқанд таҳдид мекарданд. Писари дуюми Худоёрхон Муҳаммад Аминбек низ бо дастаҳои худ ба шӯриш ҳамроҳ шуд.

Вазъияти Худоёрхон хеле мураккаб гардид. Вай роҳи ягонаи халосиро дар ёрӣ пурсидан аз генерал-губернатори Туркистон медид. Вале баробари ба шаҳри Тошкент расидани мурочиати Худоёрхон, худи ӯ ҳам 22 июли соли 1875 бо наз-

диконаш аз Қӯқанд баромада, ба воситаи Хуҷанд ба Тошкент омада, худро ба ҳимояти ҳукумати подшоҳӣ гирифт. Баъди ин гурӯҳи Абдураҳмон офтобачӣ на ин ки Пӯлодхон, балки писари хони гуреза – Насриддинбекро хон эълон карданд. Мувофиқи баъзе маълумотҳо, Насриддинбек барои ба тарафи худ кашидани Абдураҳмон офтобачӣ ба ӯ 50 ҳазор тангаи тилло додааст.

Моҳи июли соли 1875 Насриддинбек ва Абдураҳмон офтобачӣ дар мактуби худ ба генерал-губернатори Туркистон таклифи идома додани му-носибати дӯстиро пешниҳод карданд. Дар ҷавоб генерал-губернатор таъкид намуд, ки ҳокимияти Насриддинбекро ҳамон вақт мешиносад, ки эшон тамоми бандҳои шартномаи бо Русия имзо намудаи Худоёрхонро эътироф намояд. Шӯриш ҳанӯз идома дошт ва ноҳияҳои нав ба навро фаро мегирифт. Аз рӯи баъзе маълумотҳо аввали августи соли 1875 шумораи иштирокчиёни шӯриш то ба 15-16 ҳазор нафар расид. Шӯришгарон Новро ишғол намуда, роҳи алоқаи Ӯротеппаю Хуҷандро буриданд.

**Шикастхӯрии шӯриш ва барҳам додани хонигарии Қӯқанд**

7 августи соли 1874 Куафман ба муқобили шӯришгарон қувваи бузургеро сафарбар кард. 22 август муҳорибаи сахттарини назди қалъаи Маҳрам ба вуқӯъ омад, ки бо мағлубияти шӯришгарон анҷом ёфт. Кауфман баъди ишғоли қалъаи Маҳрам аз шӯришгарон талаб кард, ки муқобилиятро бас карда, чун товони ҷанг ба фоидаи хазинаи подшоҳӣ 40 ҳазор тангаи нукра, ё худ 10 ҳазор тангаи тилло супоранд. Инро аксари сарварони шӯриш рад карданд. Вале Насриддинбек 22 сентябри ҳамон сол пинҳонӣ аз шӯришгарон бо Кауфман шартнома имзо кард. Мувофиқи он Насриддинбеки хоин на танҳо хизматгори содиқи ҳукумати подшоҳӣ буданашро эътироф кард, балки соҳилҳои рости дарёи Сирро низ бо шаҳрҳои Намангон ва Чӯст ба фоидаи Русия гузошт. Инчунин ӯ розӣ шуд, ки ба фоидаи хазинаи ҳукумати подшоҳӣ қариб 2 млн сӯм товони ҷанг супорад.

Рафтори хоинонаи Насриддинбек ғазаби нави шӯришгаронро ба вуҷуд овард ва онҳо минбаъд муборизаи худро

ба муқобили хони нави хоин ва атрофиёнаш равона карданд. Бо ин давраи сеюми шӯриш оғоз ёфт. Охирҳои моҳи сентябр шумораи шӯришгарон то ба 60-70 ҳазор нафар расид. Шӯришгарон ба ҷои Насриддинбек Пӯлодхонро хони Қӯқанд эълон карданд. Пӯлодхон Ассакиро пойтахти худ эълон кард.

9 октябри соли 1875 шӯришгарон Қӯқандро ишғол намуданд. Насриддинбек гурехт. Пӯлодхон моҳи декабр қароргоҳи худро аз Ассакӣ ба Марғелон овард. Муҳорибаи минбаъда, ки асосан бо аскарони рус мегузашт, барои шӯришгарон талафотҳои зиёде овард. Чунончӣ, 8 январи соли 1876 дар муҳориба – мудофиаи Андиҷон қариб 20 ҳазор нафар шӯришгарон қурбон шуданд. Дар чунин лаҳзаҳои душвор як қисми сарварони шӯриш, аз он ҷумла Абдураҳмон офтобачӣ ба воҳима афтода, пинҳонӣ бо саркардаҳои ҳарбии рус гуфтушунид карданд. Пӯлодхон ҳанӯз ҳам муқобили ҳар гуна муросо ва тарафдори идома додани мубориза буд. Ӯ ба Учқӯрғон рафта, ният дошт, ки аз Қаротегин қувваи нав сафарбар намояд. Вале шаби 27 ба 28 январи ҳамон сол аскарони рус ба манзили Пӯлодхон зада даромаданд. Худи ӯ гурехта бошад ҳам, аммо ба зудӣ дастгир шуд. Моҳи марти ҳамон сол Пӯлодхонро дар майдони бозори Марғелон, бо ҳукми суди ҳарбии рус ба дор овехтанд. Дигар сарварони шӯриш низ бо усулҳои гуногун ҷазо диданд. Ҳукумати подшоҳӣ аз мардуми Қӯқанд чун товони ҷанг 3 млн сӯм талаб кард.

19 феврали соли 1876 бо розигии подшоҳи Русия Александри II, бо супориши генерал-губернатори Туркистон Кауфман хонигарии Қӯқанд барҳам дода шуд. Ба ҷои он дар ҳайати генерал-губернатории Туркистон боз як вилояти нав – Фарғона ташкил ёфт. Губернатори ҳарбии вилоят генерал М.Д. Скобелев таъин гардид.

Ҳамин тавр шӯриши калонтарини мардуми водии Фарғона шикаст хӯрд. Он аз ҷиҳати характери худ халқӣ буда, дар аввал асосан ба муқобили зулму истибдоди хонигарӣ ва минбаъд ба муқобили ниятҳои мустамликадоронаи ҳукумати подшоҳӣ нигаронида шуда буд. Ҳукуматдорони подшоҳӣ натиҷаи онро ба фоидаи Русия ҳал намуданд.

**Сарчашма:**

Б.Ғ.Ғафуров вазъи хонигарии Қӯқандро то оғози шӯриш ба таври зерин тасвир намудааст: «Ҳукуматдорони подшоҳӣ дар Петербург ва Тошкент аз ҳукмронии давлатии хонии Қӯқанд ҳамеша изҳори хурсандӣ ва қаноатмандӣ мекарданд. Ин аст, ки Худоёрхонро ба ивази нармию хушмаҳзарӣ ва гузаштҳояш нисбат ба талабҳои империяи Русия борҳо бо нишону унвонҳои ифтихорӣ ва ташаккурномаҳои «аълоҳазрат» сарфароз гардонида буданд». Ҳол он ки вазъи худи хонигарӣ хеле ноором буд. Ҳуҷҷатҳои мавҷуда «аз мавриди таҳқир қарор гирифтани одамони меҳнаткаш, ваҳшонияти политсия, андозу хироҷҳои зиёде, ки ҳатто «барои хори дар биёбон рӯида, дарахтони аз кӯҳ оваранда, барои най, барои золуи аз кӯл ҷамъкунанда ва ғайра меситониданд», гувоҳӣ медиҳанд. (*Ниг.*: Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Китоби 2 – с.172-173).

**Санаҳои муҳим:**

1868 – 13 феврал – шартномаи байни Русия ва хонигарии Қӯқанд

1873 – аввали баҳор – оғози шӯриш дар хонигарии Қӯқанд

1874 – июл – характери мусаллаҳона гирифтани шӯриш

1875 – 22 июл – Худоёрхон баъди огоҳӣ аз сӯиқасд ба Тошкент гурехт. Пас аз он Насриддинбек худро хон эълон кард.

1875 – 7 август – генерал-губернатри Туркистон барои пахш кардани шӯриш қувваи бузургеро фиристод.

1875 – 22 август – муҳорибаи сахттарини назди қалъаи Маҳрам

1875 – 22 сентябр – Насриддинбек пинҳонӣ бо Кауфман шартнома имзо кард.

1875 – 9 октябр – шӯришгарон Қӯқандро ишғол карданд.

1876 – 8 январ – мағлубияти шӯришгарон дар муҳориба-мудофиаи Андиҷон аз қӯшунҳои Русия

1876 – 19 феврал – хонигарии Қӯқанд барҳам дода шуд. Шӯриш шикаст хӯрд.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Сабабҳои шӯриши соли 1873-1876 дар хонигарии Қӯқанд дар чист? 2) Оғоз ва рафти шӯришро шарҳ диҳед. 3) Сарварони шӯриш киҳо буданд? 4) Чаро Худоёрхон ба Тошкент гурехт? 5) Чаро ҳуку-

матдорони подшоҳии Русия пахш намудани шӯриши Қӯқандро зарур шумориданд? 6) Чаро Насриддинбек ба тарафи шӯришгарон гузашт? 7) Хонигарии Қӯқанд кай барҳам дода шуд? 8) Шӯриши соли 1873-1876 дар хонигарии Қӯқанд аз ҷиҳати характери худ чӣ гуна буд? 9) §§4-5 ва 6-ро такрор намоед.

## §13. ЗАБТИ ХОНИГАРИИ ХЕВА ВА МУЛКҲОИ ТУРКМАННИШИН

### Истилои Хева

Амалиётҳои асосии қувваҳои ҳарбии Русия дар Осиёи Марказӣ минбаъд барои забти хонигарии Хева нигаронида шуда буд. Барои рӯҳан маҳв намудани аскарони хонигарӣ артиши ҳарбии Русия баҳори соли 1873 ба муқобили он якбора аз се самт: аз самти Тошкент ба воситаи Ҷиззах (бо сарварии генерал-майор Головачев, 4600 нафар), аз самти Оренбург, ба воситаи қалъачаи (форти) Эмбин (бо сарварии генерал-лейтенант Верёвкин, 3400 нафар) ва аз самти Красноводск (отрядҳои кафқозӣ, бо сарварии полковник Маркозов, 4300 нафар), яъне бо теъдоди 12 ҳазор нафар, бо сарварии умумии К.П.Кауфман ба ҳуҷуми васеъ гузаштанд.

Миёнаи моҳи майи соли 1873 қӯшунҳои подшоҳӣ аллакай дар қаламрави хонигарӣ амалиёти ҷангӣ мегузарониданд. 29 май барои шаҳри Хева ҷангҳои сахттарин ба вуқӯъ омад. Хони Хева Саид Муҳаммад Раҳими II аз Кауфман сулҳ талабид. 12 июн бо фармони Кауфман амалиёти ҷангӣ дар қаламрави хонигарӣ қатъ гардид. 12 августи ҳамон сол байни Русия ва Хева иборат аз 18 банд шартнома имзо гардид, ки мувофиқи он хони Хева аз мустақилона бурдани сиёсати хориҷӣ бо давлатҳои ҳамсоя маҳрум шуда, тобеи Русия гардид ва бояд чун товони ҷанг ба хазинаи подшоҳӣ 2 млн 200 ҳазор сӯм месупорид. Аз заминҳои хонигарӣ соҳилҳои рости дарёи Аму ба ихтиёри Русия гузашт. Дар ин қисм шӯъбаи Амударё бо марказ дар Петро-Александровск (ҳоло шаҳри Тӯрткӯл) ташкил ёфт ва он ба ҳайати вилояти Сирдарёи генерал-губернатории Туркистон дохил карда шуд. Инчунин,

хони Хева вазифадор гардид, ки дар қаламрави мамлакати худ ба хариду фурӯши одам ва ғуломдорӣ хотима гузорад, барои фаъолияти тоҷирони Русия тамоми шароитҳоро муҳайё намояд.

Ҳангоми ҳуҷуми қӯшунҳои рус ба муқобили хони Хева амири Бухоро Музаффархон натанҳо ин амалиётро тарафдорӣ кард, балки ба қӯшунҳои рус кӯмаки амалӣ расонид. Чунин рафтори содиқонаи амир ба амалдорони ҳукумати подшоҳӣ хеле маъқул омад. Бинобар ин ҳукумати подшоҳӣ маҳз чунин садоқати амирро ба инобат гирифта, ба ивази он мулкҳое, ки аз ҳисоби аморат ба ихтиёри Русия гузашта буд, заминҳои Чорҷӯйро аз ихтиёри хони Хева гирифта, ба ихтиёри амири Бухоро дод.

**Забти мулкҳои туркманнишин**

Дар сиёсати забткоронаи ҳукумати подшоҳӣ дар Осиёи Марказӣ баъди ҳалли тақдири хонигарии Қӯқанд масъалаи забти сарзамини қабилаҳои туркман ба миён омад. Аммо чорабиниҳои ҳукуматдорони подшоҳии Русия оид ба ин масъала нисбатан пештар оғоз ёфта буд. Чунончӣ, ҳанӯз соли 1869 қӯшунҳои қафқозӣ бо сарварии полковник Н.Г. Столетов аз бандари Петровский (Махачқалъаи ҳозира) баҳри Хазар (Каспий)-ро гузашта, ба димоғаи Муравёвск фаромаданд. Ин воқеаро оғози забти сарзамини қабилаҳои туркман аз тарафи қӯшунҳои Русия ҳисобидан мумкин аст. Онҳо дар ин ҷо шаҳри Красноводскро бунёд намуданд, ки он минбаъд ба яке аз марказҳои асосии ҳарбии Русия барои забти Хева ва замини қабилаҳои туркман табдил ёфт. Моҳи марти соли 1874 ҳукумати подшоҳӣ «Низомномаи муваққатии идораи ҳарбии кишвари Моварои Каспӣ (Закаспий)»-ро тасдиқ намуд. Дар асоси ин ҳуҷҷат дар сарзамини шарқии баҳри Хазар то дарёи Атрек ва дар ҷануб то сарҳади хонигарии Хева шӯъбаи Моварои Каспӣ, бо марказ дар Красноводск таъсис дода, онро ба ихтиёри волии Қафқоз супориданд. Ҳамон замон ба ҳайати он шӯъба приставҳои Манқишлоқ ва Красноводск дохил шуданд.

Минбаъд шӯъбаи Моварои Каспӣ ба маркази асосии қувваҳои ба сарзамини қабилаҳои туркман ҳуҷумкунандаи

ҳукумати подшоҳӣ табдил ёфт. Аввали моҳи майи соли 1877 отряди генерал Н.Ломакин Қизиларватро ишғол кард, вале бо сабаби аз истеҳкоми асосӣ дур будан онро зуд тарк намуд. Онҳо соли 1878 дар соҳили Атрек истеҳкоми Чатраро бунёд карда, моҳи август Қизиларватро дубора ба даст даровастанд. Вале 28-29 август аскарони рус дар ҷангҳои сахттарини назди Кӯктеппа шикаст хӯрда, ақиб нишастанд. Баъди ин сарварӣ қӯшунҳои рус дар Мовароси Каспӣ М.Д. Скобелев таъин шуд. 12 январи соли1881 дар натиҷаи ҷангҳои сахти серӯза қалъаи Данглитеппа, баъд Кӯктеппа, 18 январ Ашқобод забт гардид. Моҳи майи ҳамон сол шӯъбаи Мовароси Каспӣ ба вилоят табдил ёфт, ки ба он тамоми заминҳои аз ҳисоби кишвари туркманҳо забтгардида дохил мешуд. Бо ҳамин муқобилияти сахттарини яке аз қабилаҳои бонуфузтарини туркманҳо-тегинҳо бартараф карда шуд. Зеро, бо қӯшунҳои рус асосан ҳамин қабила меҷангид.

1 январи соли 1884 дар воҳаи Марв барои маслиҳат кӯҳансолони қабилаҳои дигари туркман: вакил, сичмаз, бек ва боҳӣ ҷамъ шуданд. Дар ин ҷамъомад онҳо тақдири минбаъдаи мулки худро муҳокима карданд. Ниҳоят моҳи марти ҳамон сол қабилаҳои забтнашудаи туркман дар назди қувваҳои ҳарбии ҳукумати подшоҳӣ маҷбур шуданд, ки ба ҳайати Русия дохил шудани мулки худро эътироф кунанд. Вале, яке аз нуқтаҳои баҳснок – ин воҳаи туркманнишини Пандин (Панҷдех) буд, ки ба он чӣ афғонҳо (бо ташвиқи англисҳо) ва чӣ русҳо даъво доштанд. Худи ҳамон сол бо дастгирии англисҳо отряди афғонҳо ноҳияи Кушка ва Пандинро ишғол карданд.

Моҳи марти соли 1885 қӯшунҳои рус бо фармондеҳии сардори вилояти Моварои Каспӣ А.В. Комаров қӯшунҳои афғонро аз минтақаи Пандин дур партофта, 18 март Кушкаро забт намуданд. Дар натиҷаи ихтилоф на туркманҳою афғонҳо, балки муносибати русҳою англисҳо муташанниҷ гардид ва он қариб ба ҷанг расонид. Вале ташаббусро дипломатҳои тарафайн ба даст гирифтанд. 10 сентябр дар байни Русия ва Англия шартнома имзо гардид ва барои дар ҷануб муайян намудани сарҳад комиссияи махсус ташкил карда шуд. Соли 1887 дар натиҷаи корҳои тӯлонӣ дар ин минтақа аз дарёи

Аму то ҳудуди давлати Эрон марзҳои нуфузии байни Русияю Англия муайян гардид. Мувофиқи он мулкҳои баҳсталаби номбурда дар ихтиёри Русия монд.

Ҳамин тавр, сарзамини қабилаҳои туркман низ аз тарафи қувваҳои ҳарбии Русияи подшоҳӣ истило карда шуд. 26 декабри соли 1897 вилояти Моварои Каспӣ ба ихтиёри (аз ҷиҳати идоракунӣ) генерал-губернатории Туркистон гузашт.

**Сарчашма:**

Б.Ғ.Ғафуров сабабҳои ба муқобили хонигарии Хева ҳуҷум кардани қӯшунҳои Русияро чунин шарҳ медиҳад: «Пас аз он ки дар миёни давлатҳои Британия ва Русия дар бобати тақсими доираи нуфуз созиш ба амал омад, ҳуҷуми қӯшунҳои подшоҳӣ ба Хева шурӯъ шуд. Ташаббускор ва ташкилкунандаи фаъоли юриши нави ишғолкорона К.П.Кауфман буд, ки дар амалиёти худ аз ҳукумати подшоҳӣ комилан тарафдорӣ медид. Зарурияти «ҷазо додани» давлати хонӣ барои аҳдшиканиҳое, ки аз вақти куштори ҳайати сафорати Бекович-Черкасский дар соли 1717 зоҳир мегардид, барои ҳамла ба корвони тоҷирони рус, барои «муносибати беэҳтиромона» нисбат ба намояндагони генерал-губернатори Туркистон ва амсоли инҳо ҳамчун баҳонаи ин юриш ба қалам дода шуданд. Аммо асли мақсади ин юриш ҳамон саъю кӯшиши доираҳои ҳукмрони империяи Русия дар роҳи васеъ кардани бозори фурӯш ва ба даст даровардани манбаъҳои нави маводи хом буд». (*Ниг.*: Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Китоби 2 – с.171).

**Санаҳои муҳим:**

1869 – қӯшунҳои қафқозӣ баҳри Хазарро гузашта, ба димоғаи Муравёвск фаромаданд.

1873 – баҳор – ба муқобили хонигарии Хева ба ҳуҷуми васеъ гузаштани қӯшунҳои Русия.

1873 – 12 июн – бо фармони Кауфман амалиёти ҷангӣ дар қаламрави хонигарии Хева қатъ гардид.

1873 – 12 август – байни Русия ва Хева шартнома имзо шуд.

1874 – март – ҳукумати подшоҳии Русия «Низомномаи муваққатии идораи ҳарбии кишвари Моварои Каспӣ (Закаспий)»-ро тасдиқ намуд.

1877 – май – аз тарафи қӯшунҳои Русия бори аввал забт намудани Қизиларват.

1878 – август – аз тарафи қӯшунҳои Русия бори дуюм забт намудани Қизиларват

1878 – 28-29 август – ҷанги сахттарин дар Кӯктеппа ва шикасти қӯшунҳои Русия.

1881 – январ – аз тарафи қӯшунҳои Русия забт намудани Данглитеппа, Кӯктеппа ва Ашқобод.

1881 – май – шӯъбаи Мовароӣ Каспӣ ба вилоят табдил ёфт.

1884 – 1 январ – ҷамъомад дар Марв

1885 – март – задухӯрди байни қӯшунҳои рус ва афғон дар Панҷдеҳ (Пандин)

1885 – 18 март – қӯшунҳои Русия Кушкаро забт намуданд.

1885 – 10 сентябр – имзои шартнома дар байни Русия ва Англия

1887 – марзҳои нуфузии байни Русияю Англия аз дарёи Аму то ҳудуди давлати Эрон муайян гардид.

1897 – 26 декабр – вилояти Моварои Каспӣ аз ҷиҳати идоракунӣ ба ихтиёри генерал-губернатори Туркистон гузашт.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Қӯшунҳои Русия аз кадом самтҳо ба муқобили хонигарии Хева ҳуҷум намуданд? 2) Ҳуҷуми қӯшунҳои Русия ба муқобили хонигарии Хева бо чӣ анҷом ёфт? 3) Шартномаи 12 августи соли 1873-ро, ки дар байни Русия ва хонигарии Хева имзо гардидааст, шарҳ диҳед. 4) Ҳангоми ҳуҷуми қӯшунҳои Русия ба муқоибли Хева мавқеи амири Бухоро чӣ гуна буд? 5) Забти сарзамини қабилаҳои туркман аз тарафи қӯшунҳои Русия кай оғоз гардид? 6) Дар кадом нуқтаҳои сарзамини қабилаҳои туркман муҳорибаҳои сахттарин ба амал омаданд? 7) Мақсади ҷамъомади Марв дар чӣ буд? 8) Дар минтақаи Панҷдеҳ (Пандин) чӣ воқеа рӯй дод? 9) Шартномае, ки 19 сентябри соли 1885 дар байни Русия ва Англия имзо гардид, чӣ гуна буд? 10) §§1 ва 2-ро такрор намоед.

## §14. «МАСЪАЛАИ ПОМИР»

### Вазъи мулкҳои Бадахшон дар арафаи тақсимот

Маълум аст, ки дар миёнаи асри XIX мулкҳои Бадахшон (Помир) низ пароканда ва то андозае мустақил буданд. Вале ба ин мулкҳо аз як тараф амири Афғонистон (баъд бо кӯмаки Англия), аз тарафи дигар амири Бухоро (баъд бо кӯмаки Русия) таҳдид мекарданд. Аз соли 1850 амирони афғон Дӯстмуҳаммадхон ва Шералихон, баъди забти Балх, Тошкӯрғон ва Кундуз борҳо ба сарзамини

Бадахшон хуҷум карданд. Ҳокими Бадахшон Ҷаҳонгиршоҳ баҳри нигоҳ доштани оромӣ ва мустақилият, барои ба ҳукумати Афғонистон супоридани андоз розӣ шуд.

Амири Афғонистон Шералихон (соли 1868 ба тахт нишаст) духтари худро ба Ҷаҳонгиршоҳ дода, бо ҳамин роҳ ин мулкро пурра ба ихтиёри худ кашиданӣ шуд. Ҷаҳонгиршоҳ ҳушёриро аз даст надода, то андозае мустақилиро нигоҳ дошта бошад ҳам, вале аз соли 1869 сар карда Бадахшон амалан ба доираи таъсири Кобул кашида шуд. Соли 1883 аз тарафи Абдураҳмонхон (соли 1880 амири Афғонистон эълон карда шуд ) мулкҳои Бадахшони Ғарбӣ-Вахон, Шуғнон ва Рӯшон забт гардид. Дар як вақт қӯшунҳои Хитой низ ба Бадахшони Шарқӣ наздик шуда, дар ин маҳал мавқеи худро мустаҳкам карданд. Русияю Англия (дар асоси муоҳидаҳои солҳои 1869-1873) дар Осиёи Марказӣ чараёнгоҳи боло ва миёнаи дарёи Амуро сарҳади нуфузи худ меҳисобиданд. Яъне ин ду давлати бузург ба «масъалаи Помир» ҳанӯз фаъолона дахолат карда наметавонистанд. Ғайр аз ин Русия дар ин кишвар бо қабилаҳои туркман ҷанг мекард. Бинобар ин нисбати Бадахшон мудохилаи мусаллаҳонаи ҳукумати Афғонистону Хитой беш аз 10 сол (1883-1893) давом кард.

### Ҳалли «масъалаи Помир» дар байни Русия ва Англия

Охири асри XIX масъалаи ҷиддие, ки миёни Русияю Англия бояд ҳалли худро меёфт ин «масъалаи Помир» буд. Дар байни мардуми Бадахшон воқеаҳои назаррасе ба амал омаданд. Масалан, зулму истибдоди ҳукуматдорони афғон тирамоҳи соли 1887 боиси шӯриши мардуми Шуғнон гардид. Шӯришгарон ҷанде аз хироҷситонандагони афғонро ба қатл расониданд. Ҳукумати Афғонистон барои ба хун оғушта намудани шӯриш ва танбеҳ додани мардуми мулкҳои дигари Бадахшон тайёрии ҷиддӣ медид. Амалдорони Рӯшону Шуғнон ва Вахон дар чунин вазъият ба муқобили иқтидори ҳукумати Афғонистон қувваи худро нокифоя ҳисобида, майл ба тарафи Русия намуданд. Онҳо бо чунин мақсад ба назди ҳукуматдорони Русия ҳайати намояндагӣ низ фиристоданд.

Аввали солҳои 1890-ум ҳукумати подшоҳӣ ба «масъалаи Помир» ба тарзи ҷиддӣ машғул шуд. Зеро то ин лаҳза дигар мулкҳои Осиёи Марказӣ пурра ба зери тасарруфи Русия гузашта буданд ва дар ин кишвар масъалаи номбурда ягона ва нуқтаи охирин дар масъалаи нуфузи марзии байни Русияю Англия ба ҳисоб мерафт. Инак, моҳи июли соли 1891 отряди 120 нафараи казакҳо бо сарварии полковник М.Е.Ионов ба сӯи Помир фиристода шуд, ки он бо номи «Эъзомияи Ионов», ё худ эъзомияи якум маълум аст. Мақсади эъзомия гӯё дар Бадахшон омӯхтани мулкҳое буд, ки онҳо мувофиқи муоҳидаи соли 1873-и байни Русияю Англия ба фоидаи ҳукумати подшоҳӣ гузаштаанд. Вале дар асл нияти асосии ин чорабинӣ мустаҳкам намудани нуфузи Русия дар мулкҳои номбурда буд. Ионов амалиёти худро аз ағбаи Қизиларт оғоз намуда, соҳилҳои Рангкӯл ва Қаракӯлро сайр карда, то ба ағбаи Банк расид. Ӯ дар ҳама ҷо ба мардум эълон мекард, ки ин мулкҳо дар тобеияти Русия мебошанд. Дар натиҷа ин эъзомия «масъалаи Помир»-ро боз ҳам тезонид.

Аз сабаби он ки дипломатияи Англия ҳам ба «масъалаи Помир» дахолат мекард, моҳи апрели соли 1892 дар Петербург ин масъала дар машварати махсуси арбобони давлати Русия муҳокима гардид ва дар он қарор карда шуд, ки мавқеи ҳукумати худро дар ин гӯша мустаҳкам намоянд. Моҳи июни ҳамон сол полковник Ионов бо роҳи аввала, бо қувваи нисбатан зиёд эъзомияи дуюми Помирро ташкил намуд. Ҳангоми сафари ӯ дар канори дарёи Оқсу пости Помир (ҳозира шаҳраки Мурғоб) сохта шуд. Дар мавзеи Шоҷон бошад 250 нафар аскарони казакро ба муддати тӯлонӣ гузоштанд. Соли 1893 дар асоси шикояти зиёди шуғнониён, нисбати бедодии дастаҳои гуногуни афғон, отряди дигар, ё худ эъзомияи сеюм бо сарварии капитан С.П. Ванновский ба воситаи ағбаи Язгулом то ба Ванҷ сафар намуд.

Ҳукуматдорони подшоҳӣ оид ба масъалаи Бадахшони Шарқӣ бетараф набуданд. Онҳо аз нияти ҳукумати Хитой воқиф гардида, моҳи июли соли 1894 ба пости Помир (Мурғоб) М.Е. Ионовро, ки ба рутбаи генерал-майорӣ расида буд, бо

штабаш фиристоданд. Ӯро сардори штаби тамоми отряди русӣ дар Бадахшон таъин карданд. Баробари чунин чорабиниҳо гуфтушуниди намояндагони Русияю Хитой оид ба масъалаҳои Бадахшони Шарқӣ давом мекард. Дар натиҷаи гуфтушунид ҳукумати Хитой постҳои ҳарбии худро аз сарҳади Бадахшони Шарқӣ бардошт. Баъди ин дар Мурғоб нигоҳ доштани «отряди Помир» нолозим шуда монд ва он 25 октябри ҳамон сол барҳам дода шуд.

Вале гуфтушуниди байни Русия ва Англия баҳри муайянкунии сарҳади нуфуз дар Бадахшон ҳанӯз аз соли 1893 давом дошт. Баҳори соли 1895 комиссияи сарҳадии англису русӣ охирин қитъаи баҳсталаби сарзамини Осиёи Марказиро ба таври «мушаххас» муайян намуданд. Ниҳоят, моҳи сентябри ҳамон сол шартномаи махсуси муайянкунии сарҳади нуфузи байни Русияю Англия дар Бадахшон имзо карда шуд. Моҳи январи соли 1896 подшоҳи Русия Николаи II хатти сарҳадии империяи Русияю Англияро дар Бадахшон тасдиқ кард. Дар асоси ин шартнома дар Бадахшон сарҳади нуфузи байни Русия ва Англия аз Зоркӯл то канори шарқии Бадахшон – дарёи Панҷ қарор гирифт. Мувофиқи он соҳилҳои чапи дарё, пеш аз ҳама заминҳои дар ин канор доштаи Дарвози Бухоро ба зери нуфузи Англия, ба ҳисоби Афғонистон гузашт. Соҳилҳои рости дарё, яъне мулкҳои Вахон, Шуғнон ва Рӯшон ба зери нуфузи Русия даромад. Вале ҳукумати подшоҳии рус ин мулкҳоро ба амири Бухоро, ба ивази мулкҳои дар ин минтақа аз даст додааш (яъне заминҳои дар соҳилҳои чапи дарё доштаи Дарвози Бухоро) бахшид. Бадахшони (Помири) Шарқӣ бошад ба ҳайати вилояти Фарғонаи генерал-губернатории Туркистон ҳамроҳ гардид. Қисми шарқии водии Вахон, ки дар байни мулкҳои Русия ва Ҳиндустон вазифаи минтақаи озод ва бетарафро иҷро мекард, низ ба ҳисоби Афғонистон гузашт.

Ҳамин тавр «масъалаи Помир» асосан дар байни Русия ва Англия «ҳал» гардид ва гӯё бо ин рақобати байни ду давлати абарқудрати давр оид ба як гӯшаи кӯҳии дунё ба охир расид.

**Сарчашма:**

Порчаҳо аз созишномаи байни Русия ва Англия (Британияи Кабир), дар бораи аз ҳамдигар ҷудо кардани доираи таъсири худ дар Помир (Бадахшон) (соли 1895), ки дар нотаи сафири Русия дар Лондон Стаал ба стат-котиби корҳои хориҷии Британияи Кабир граф Кемберлей оварда шудааст:

1. Доираи таъсири Русия ва Англия дар шарқтари Зоркӯл (Виктория) бо хати сарҳадӣ ҷудо карда хоҳад шуд, ки он аз ин кӯл, яъне нуқтаи интиҳои соҳили шарқии он сар шуда, аз қуллаи қаторкӯҳ гузашта меравад, ки он дар ҷанубтари параллели ҳамин кӯҳ ва то худи қуллаҳои Бендерский ва Ӯрта-Бел кашол меёбад. Аз ин ҷо хати сарҳад аз қуллаи қаторкӯҳи зикршуда, ки он дар ҷанубтари параллели кӯли номбаркардашуда мавҷуд аст, гузашта меравад. Ба ин параллел расида, хати сарҳад ба тарафи пастхамии Қизил Работ, ки дар соҳили дарёи Оқсу воқеъ гардидаст, мегузарад, ба шарте агар ин маҳал дар шимолтари параллели кӯли Виктория воқеъ нагардида бошад; аз ин нуқта хати сарҳад ба тарафи шарқ меравад ва ба хати сарҳади Хитой ҳамшафат мегардад....

4. Ҳукумати Аълоҳазрат императори Русия ва Ҳукумати Олимақоми Британия ӯҳдадор мешаванд, ки якӯм дар ҷануб ва дуюм дар шимоли хати ҷудокунӣ аз ҳар гуна назорат ва таъсири сиёсӣ худдорӣ кунанд....

Созишномаи мазкур танҳо баъди аз тарафи амири Афғонистон тоза кардани тамоми ҳудудҳое, ки вай дар соҳили рости Панҷ ишғол кардааст ва аз тарафи амири Бухоро холӣ кардани қисми Дарвоз, ки дар ҷануби Амударё воқеъ аст ба амал ҷорӣ карда мешавад, зеро ҳукумати Аълоҳазрат императори Русия ва Британия розӣ шуданд, ки дар ин бобат ба ҳар ду амир таъсир расонанд. (*Ниг.*: Хрестоматияи таърихи РС Тоҷикистон. – с.147-148).

Б.И. Искандаров дар бораи баҳси байни дипломатияи Русия ва Англия оид ба масъалаи Помир (Бадахшон) навиштааст: Дар байни Русия ва империяи Британия муоҳидаи солҳои 1869-1873 вуҷуд дошт, ки мувофиқи он ҷараёнгоҳи боло ва миёнаи дарёи Аму сарҳади нуфузи русу англис дар Осиёи Марказӣ гардида буд. Бинобар ин соли 1893 котиб оид ба корҳои хориҷии идораи мустамликадории Англия дар Ҳиндустон М.Дюранд

ҳангоми ташрифи сиёсии худ дар Кобул ба амири Афғонистон Абдураҳмонхон пешниҳод кард, ки аз даъвои Шуғнон, Рӯшон ва Вахон даст кашад. Амири Афғонистон ин пешниҳодро қабул намуд. Мувофиқи шартномаи байни Русияю Англия қисми шарқии водии Вахон, ки дар байни мулкҳои Русия ва Ҳиндустон вазифаи минтақаи бетарафро адо мекард, дар қаламрави Афғонистон монд. Инчунин заминҳои дар канори чапи дарёи Панҷ воқеъгардидаи Дарвози Бухоро низ ба ихтиёри Афғонистон гузашт. Аз канорҳои рости дарё, аз мулкҳои Вахон, Шуғнон ва Рӯшон қӯшунҳои афғон бароварда шуданд. (*Ниг.*: Искандаров Б.И. Восточная Бухара и Памир в период присоединения Средней Азии к России. – Сталинабад, 1960. – с. 98-102).

**Санаҳои муҳим:**

1869 – оғози ба доираи таъсири Афғонистон кашида шудани Бадахшон.

1869-1873 – имзои муоҳидаҳо дар байни Русия ва Англия оид ба сарҳади нуфуз дар чараёнгоҳи боло ва миёнаи дарёи Аму.

1883 – аз тарафи амири Афғонистон – Абдураҳмонхон забт гардидани мулкҳои Бадахшони Ғарбӣ – Вахон, Шуғнон ва Рӯшон.

1887 – тирамоҳ – шӯриш дар Шуғнон

1891 – июл – эъзомияи якум ба сӯи Помир

1892 – апрел – эъзомияи дуюм ба сӯи Помир

1893 – эъзомияи сеюм ба сӯи Помир.

1895 – сентябр – имзои шартномаи махсус дар байни Русия ва Англия оид ба муайянкунии сарҳади нуфуз дар Бадахшон

1896 – январ – аз тарафи подшоҳи Русия тасдиқ гардидани хати сарҳадии империя дар Бадахшон

**Савол ва супоришҳо:**

1) Вазъи мулкҳои Бадахшон дар миёна ва нимаи дуюми асри XIX чӣ гуна буд? 2) Мувофиқи муоҳидаҳои солҳои 1869-1873 байни Русия ва Англия сарҳади нуфузи онҳо дар Бадахшон чӣ гуна муайян гардида буд? 3) Шӯриши солҳои 1887 дар Шуғнон ба муқобили кӣ нигаронида шуда буд? 4) Оид ба эъзомияҳои якум, дуюм ва сеюм ба сӯи Помир маълумот диҳед. 5) Оқибатҳои

шартномаи сентябри соли 1895 (дар байни Русия ва Англия оид ба сарҳади нуфуз дар Бадахшон имзо гардида)-ро шарҳ диҳед. 6) §§2 ва 13-ро такрор кунед.

## §15. ОҚИБАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗИРО ЗАБТ КАРДАНИ РУСИЯ

**Шарҳи умумӣ**

Аз маълумотҳои боло ошкор гардид, ки қисми бузурги сарзамини Осиёи Марказӣ дар нимаи дуюми асри XIX дар натиҷаи амалиётҳои ҷангии қўшунҳои рус забт карда шуд ва он мулкҳо ба номи генерал-губернатори Туркистон бевосита ба ҳайати империяи Русия дохил гардиданд. Ин мулкҳо, ки онҳоро кишвари Туркистон ҳам меноманд, бо қонуну қоидаҳои умумиимпериявӣ идора карда мешуданд.

Дар кишвари Туркистон на танҳо тарзи идоракунии кўҳнаро барҳам дода, тарзи идоракунии тамоман барои ин мулкҳо нав – бо усули умумирусиягӣ ҷорӣ намуданд, балки дар муносибатҳои заминдорӣ, андоз, мактабу маориф, молия ва ғайра низ тағйиротҳои куллӣ ба амал омаданд. Яъне, дар мулкҳои кишвари Туркистон ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданӣ, нисбат ба замони то забтшавӣ, тамоман бо маҷрои дигар, бо роҳ ва тарзу усулҳое, ки ба сиёсати ҳукумати подшоҳии Русия мувофиқат мекарданд, пеш мерафт. Ин ҳукумат, агарчанде худ боқимондаи ҷамъияти феодалӣ буд, вале сиёсати дар он давр пешгирифтааш хости инкишофи муносибатҳои молию пулӣ, пешрафти ҷамъияти сармоядорӣ – капиталистӣ буд ва кишвари Туркистонро низ ба ҳамин роҳ ҳидоят мекард.

Қисми дигари Осиёи Марказиро ҳанўз ҳам аморати Бухоро ва хонигарии Хева ташкил медоданд. Ҳарчанд онҳо дар идоракунии дохилӣ мухтор буданд, усули идоракунии пешинаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданиро то андозае нигоҳ медоштанд, вале аз сабаби он, ки ин мулкҳо ҳам ба доираи нуфузи империяи Русия кашида шуда буданд, бинобар ин дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданиии онҳо низ дигаргуниҳо ба амал меомаданд. Ин дигаргуниҳо бо вуҷуди дар мулкҳои номбурда нисбат ба кишвари Туркистон сусттар буданд, вале

онҳо ҳам то андозае ба сиёсати ҳукумати подшоҳии Русия мутобиқат мекарданд. Аниқтараш ҳукуматдорони аморати Бухоро ва хонигарии Хева, дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва баъзан ҳатто маданӣ гӯё чунин сиёсатеро пеш мебурданд, ки онҳо на мутобиқи замони то забтшавии Осиёи Марказӣ аз тарафи Русия, балки мувофиқи хости ҳукуматдорони подшоҳии рус буданд.

Хулоса, дар натиҷаи аз тарафи Русия забт гардидани Осиёи Марказӣ дар ин сарзамин дигаргуниҳои зиёде ба амал омаданд ва ҳамаи онҳо оқибатҳои ба худ хосро доранд ва ба онҳо набояд яктарафа баҳо дод. Аз ин рӯ, он оқибатҳоро ба ҷиҳатҳои мусбат ва манфӣ ҷудо кардан зарур аст.

**Оқибатҳои мусбат**

Оқибатҳои мусбат гуфта он ҷиҳатҳоро дар назар дорем, ки онҳо ба пешрафти ҷамъият ва осоиштагии мардум то андозае имконият муҳайё намудаанд. Чунин ҳолатро дар омилҳои зерин дида метавонем:

1. Дар Осиёи Марказӣ, ки то забтшавӣ муносибатҳои феодалӣ ҳукмфармоӣ мекард, минбаъд ба доираи муносибатҳои молию пулии ҷамъияти капиталистӣ кашида шуданд. Аввалин заводҳо ва ташкилотҳои бонкӣ ба вуҷуд омада, роҳҳои оҳан сохта шуданд. Дигаргуниҳо дар соҳаи кишоварзӣ ҳам ба чашм намоён буданд. Умуман, иқтисодиёти кишвар рӯ ба тараққӣ ниҳод. Осиёи Марказӣ оҳиста-оҳиста на танҳо ба бозори умумирусиягӣ, балки ба воситаи он бо бозори умумиҷаҳонӣ муносибат пайдо кард.

2. Ҷангҳои байниҳамдигарии давлатҳои мустақил ва ниммустақили кишвар, махсусан, байни аморати Бухорою хонии Қӯқанд, ки боиси хонахаробиҳои зиёд ва қашшоқии мардум мегардид, барҳам дода шуд. Зеро аз болои тамоми мулкҳои Осиёи Марказӣ назорати қатъии ҳукумати подшоҳӣ ҷорӣ гардид. Хомӯш гардидани ҷангу ҷидолҳои дохилӣ бошад барои инкишофи иқтисодиёт ва тиҷорати байни ноҳияҳо ва вилоятҳои Осиёи Марказӣ шароити мусоид ба вуҷуд овард.

3. Боқимондаҳои муносибатҳои ғуломдорӣ (махсусан, хариду фурӯши ғуломон) манъ карда шуд (дар аморати Бухоро он аслан боз чанде давом дошт).

4. Имконияти шиносшавӣ бо маданияти якдигар ва ғанӣ гардидани он ба вуқӯъ омад. Барои омӯзиши илмии табиату маънавиёти Осиёи Марказӣ қадамҳои аввалин ва ҷиддӣ гузошта шуд.

**Оқибатҳои манфӣ**

Оқибатҳои манфӣ гуфта он ҷиҳатҳоро дар назар дорем, ки онҳо боиси маҳдудиятҳои сиёсӣ, афзудани зулму истибдод, парокандагии миллӣ ва ғайра гардидаанд. Ин гуна ҳолатҳоро дар нуктаҳои зерин мебинем:

1. Бо забти Осиёи Марказӣ аз тарафи Русияи подшоҳӣ мустақилияти давлатдории халқҳои ин сарзамин аз байн рафт. Кишвари Туркистон қисми таркибии империяи Русия гардид. Аморати Бухоро ва хонигарии Хева низ пурра ба доираи сиёсати ҳукумати подшоҳии рус даромаданд. Онҳо ба ғайр аз Русия, бо дигар давлатҳо муносибат карда наметавонистанд.

2. Дар сарзамини генерал-губернатории Туркистон тартиботи сахти мустамликавӣ ҷорӣ гардид. Ҳукумати иртиҷоии амирии Бухоро ва хонигарии Хева ҳарчанд ба зери ҳимояи ҳукумати подшоҳӣ кашида шуда бошанд ҳам, аммо тартиботи идоракунии дохилӣ дар ҳар ду ин мулкҳои Осиёи Марказӣ бетағйир монд. Минбаъд ҳукуматдорони амирию хонӣ дар зери сояи қувваи ҳарбии Русияи подшоҳӣ нисбат ба мардуми бечораи худ зулмро боз ҳам зиёдтар раво дониста, онҳоро бераҳмона истисмор мекарданд. Дар натиҷаи ҳамаи ин мардум ба истисмори боз ҳам сахттар гирифтор шуданд.

3. Шартномаи байни Русияю Англия дарёи Панҷро сарҳади нуфуз қарор дода, халқи тоҷикро, ки ҳазорҳо сол боз дар тарафи чап ва рости он зиндагӣ карда, бо ҳам рафту омад ва хешу таборӣ доштанд, аз ҳам ҷудо кард. Ҳангоми муайян намудани марзи давлатӣ, манфиати халқи тоҷик умуман ба эътибор гирифта нашуд. Зеро, ҳамон давр тақдири халқи тоҷик аз сиёсати забткоронаи Русияю Англия сахт вобастагӣ дошт.

**Сарчашма:**

З.Ш. Раҷабов дар бораи оқибатҳои аз тарафи Русия забт гардидани Осиёи Марказӣ навиштааст: «Ҳамроҳшавии (аниқтараш забт шудани – Н.Ҳ.) Осиёи Миёна ба Русия он амалиётеро, ки дар ин сарзамин рӯй медод, гӯё фаъолтар гардонид, ба як риштаи мураттаб даровард. Оби истода ва беҳаракат ба туғён даромад. Дар ин мамлакат ҳама чиз ҷон гирифта, ҷиҳатҳои чи хуб ва чи бади ҳаёти иҷтимоӣ то рафт барҷаста ва қатъитар зоҳир шуданд. Ҷабру зулме, ки дар гузашта ҳама ба он тан дода, таслим мешуданд, акнун тоқатфарсо шуда буд, зеро акнун ба мардуми ин сарзамин имконият фароҳам омада буд, ки аҳволи худро ба аҳволи дигарон муқоиса кунанд. Қашшоқӣ ва гуруснагӣ, беҳуқуқӣ ва навмедии оммаи халқ ба ҳама аён гардид; ҳама гуна ниқобҳо дур партофта шуданд. Пеш аз ҳама иллату сабаби ин бадбахтӣ ва фалокатҳо фош гардид. Маълум гардид, ки сабаби ин балову мусибатҳо «ғазаби худо» ва «ҷазои кирдорҳои нораво» набуда, балки қувваҳои иқтисодӣ, фоидаталабӣ ва ҷоҳпарастии бойҳо, амир ва ҳукумати подшоҳӣ мебошад.

Кӣ будани душман маълум гардид. Ин гуна равшаншавии аҳвол ба муборизаҳои синфӣ қувваи бузурге бахшид».

(*Ниг.*: Раҷабов З.Ш. Маорифпарвар Аҳмади Дониш. – Душанбе, 1964 – с.83)

**Савол ва супоришҳо:**

1) Баъди Осиёи Миёнаро забт кардани Русия дар кишвари Туркистон кадом дигаргуниҳои умумиро пай бурдан мумкин аст? 2) Баъди ба зери нуфузи Русия кашида шудани аморати Бухоро ва хонигарии Хева оё дар ин мулкҳо ҳам дигаргуниҳои умумиро мушоҳида кардан мумкин аст? 3) Ҷиҳатҳои мусбати аз тарафи Русия забт шудани Осиёи Марказӣ дар чист ва онҳоро бо мисолҳо шарҳ диҳед. 4) Ҷиҳатҳои манфии аз тарафи Русия забт шудани Осиёи Марказӣ кадомҳоянд ва онҳоро бо мисолҳо шарҳ диҳед. 5) §§11-12-ро такрор намоед.

# БОБИ 5
# ВАЗЪИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ БАЪДИ ИСТИЛОИ РУСИЯ

## §16. ВАЗЪИ КИШВАРИ ТУРКИСТОН ДАР ЗАМОНИ МУСТАМЛИКАВӢ

**Кишвари Туркистон – қисми таркибии империяи Русия**

Дар замони ҳукуматдории мустамликавии Русияи подшоҳӣ дар Осиёи Марказӣ (солҳои 1867-1917) дар ин сарзамин генерал-губернатории Туркистон, аморати Бухоро ва хонигарии Хева мавҷудияти худро нигоҳ доштанд. Кишвари Туркистон ба қисми таркибии Русияи подшоҳӣ табдил ёфт. Тамоми қонун ва чорабиниҳои зарурии ҳукумати подшоҳӣ дар ин сарзамин бевосита ҷорӣ карда мешуд.

Ҳукумати подшоҳӣ дар кишвари Туркистон тартиботи мустамликавии ба худ хосеро ҷорӣ кард. Зеро бо андешаи баъзе амалдорони ҳукумати подшоҳӣ усули идоракунии фаронсавӣ (нисбати Тунис ва Алҷазоир) хеле либералӣ менамуд. Бо ақидаи амалдор К.К.Абаза, ин усул барои «мардуми нимваҳшии кишвари Туркистон» гӯё мувофиқ набудааст. Бинобар ин дар кишвар нисбат ба халқи маҳаллӣ системаи вазнини истисморгарӣ ҷорӣ карда шуд.

Соли 1886 «Низомнома оиди идоракунии кишвари Туркистон» тасдиқ гардид ва он чун қонуни асосии идоракунии ин кишвар бо баъзе тағйироту иловаҳо то инқилоби Октябрии Русия (соли 1917) амал кард. Дар он инчунин сохти судии кишвар, шаклҳои заминдорӣ, шаклу миқдори андозҳо ва ғайра



*Политсияҳои савораи замони подшоҳӣ дар кишвари Туркистон*

муайян шуда буд. Низомнома ҳукуматдории мустамликавии Русияро дар кишвари Туркистон мустаҳкам менамуд.

Чуноне дар §6 ишора рафт, генерал-губернатори Туркистон ҳангоми ташкилёбӣ (с. 1867) аз ду вилоят (Сирдарё – бо марказ дар Тошкент ва Ҳафтруд – бо марказ дар Верний) иборат буд. Соли 1876 баъди барҳам додани хонигарии Қӯқанд сарзамини боқимондаи он (яъне қисми ҷанубии хонигарӣ) бо номи вилояти Фарғона ба ҳайати генерал-губернатории Туркистон дохил карда шуд. Округи Зарафшон соли 1887 ба вилояти Самарқанд табдил ёфт. Соли 1882 вилояти Ҳафтрудро як муддат ба генерал-губернатории Степной ва соли 1899 боз ба ҳайати генерал-губернатории Туркистон ҳамроҳ намуданд. Шӯъбаи Моварои Каспӣ (Закаспий) соли 1891 ба вилоят табдил дода шуд ва он то соли 1890-1897 бевосита дар итоати вазорати ҳарбӣ буда, аз соли 1897 ба генерал-губернатории Туркистон дохил карда шуд.

Сарзамини имрӯзаи Тоҷикистони Шимолӣ ва Бадахшони (Помири) Шарқӣ ба ҳайати ду вилоятҳои кишвари Туркистон: Самарқанд ва Фарғона мансубият доштанд. Ба ҳайати вилояти Самарқанд уезди Хуҷанд ва болооби Зарафшон, ба ҳайати

# Харитаи сиёсии Осиёи Марказӣ дар ни



## маи дуюми асри XIX ва аввали асри XX



вилояти Фарғона Бадахшони Шарқӣ, ноҳияҳои Конибодом, Исфара ва Ашт дохил мешуданд.

Ҳукумати подшоҳӣ аз фаъолияти генерал-губернатории Туркистон чандон қаноатманд набуд ва аз ҳамин сабаб ҳам онҳоро тез-тез иваз мекард. Аз байни 15 нафари онҳо танҳо К.П.Кауфман (1867-1882) ва А.В. Самсонов (1903-1913) нисбатан тулонӣ сарварӣ намудаанд. Бо мақсади самаранок истифода бурдани Осиёи Марказӣ ҳукумати подшоҳӣ солҳои 1882-1883 бо сарварии сенатор Ф.К.Гирс ва солҳои 1909-1910 бо сарварии граф К.К. Пален ба ин сарзамин комиссияҳои махсус фиристода, маҳал ва соҳаҳои чудогонаро ба тарзи васеъ омӯхт.

**Ба кишвари Туркистон омадани муҳоҷирони рус**

Ҳукумати подшоҳӣ Осиёи Марказиро ба мустамликаи худ табдил дода, барои босамар истифода бурдани он шурӯъ карда бошад ҳам, нисбати худ ба садоқати мардуми таҳҷоии ин кишвар боварӣ надошт. Аз ҳамин сабаб ҳам ҳукумати подшоҳӣ бо мақсади ба вуҷуд овардани такягоҳи боварибахш аз губернияҳои сераҳолии маркази Русия қисми деҳқонони русро ба ноҳияҳои гуногуни кишвари Туркистон кӯчонид. Ҳукумати подшоҳӣ бо чунин чорабинӣ, бо як тир ду нишонро заданӣ буд. Яъне, вай аз як тараф қисми деҳқонони русро аз губернияҳои сераҳолии марказ кӯчонида, дар он маҳалҳо барои зиёд намудани миқдори замини деҳқонони боқимонда мушарраф гардиданӣ буд ва бо ҳамин мехост пеши роҳи норозигии он деҳқононро гирад. Аз тарафи дигар, ҳукумати подшоҳӣ мехост деҳқонони кӯчонидашудаи русро дар ин ё он маҳали кишвари Туркистон ҷойгир намуда, нисбатан замини зиёдро дода, аз ҳисоби онҳо ба худ такягоҳи боварибахш тайёр намояд. Зеро чунин такягоҳ ҳангоми болоравии норозигии мардуми маҳаллӣ ба муқобили сиёсати мустамликавии ҳукумати подшоҳӣ хеле зарур ҳисобида мешуд.

Ҳукумати подшоҳӣ нақшаи ба вилояти Ҳафтруд кӯчонидани деҳқонони русро соли 1869 тартиб дода буд. Аммо ба муҳоҷиркунии деҳқонони рус ба вилояти номбурда ҳанӯз соли 1868 шурӯъ карда буданд. То соли 1882 дар ин вилоят 29 ма-

ҳаллаҳои руснишин, бо аҳолии 25 ҳазор нафар ба вуҷуд омад. Вале он вақт танҳо бо вилояти Ҳафтруд маҳдуд нагардида, муҳоҷирони русро дар дигар вилоятҳои Туркистон низ ҷойгир намудаанд. Масалан, соли 1881 дар вилояти Сирдарё аллакай 19 маҳаллаҳои руснишин бо аҳолии 1300 нафар вуҷуд доштанд. Ё худ соли 1896 танҳо дар уезди Хуҷанди вилояти Самарқанд 6 маҳаллаҳои руснишин ҷойгир буданд, ки дар онҳо қариб ҳазор нафар аҳолӣ зиндагӣ мекарданд.

Дар натиҷаи чунин сиёсат дар гӯшаю канори кишвари Туркистон маҳаллаҳои гуногуни руснишин ба вуҷуд омада, миқдоран сол аз сол меафзуданд. Ба зиёдшавии онҳо сохтмони роҳҳои оҳан ва сиёсати муҳоҷиркунии столипинӣ низ таъсир расониданд. Соли 1910 шумораи чунин маҳаллаҳо дар кишвари Туркистон ба 124 адад расид, ки дар онҳо 70 ҳазор нафар аҳолӣ зиндагӣ мекарданд. Дар ин давр шумораи умумии мардуми русзабони кишвар бо якҷоягии шаҳриён зиёда аз 200 ҳазор нафарро ташкил медоданд.

Маҳаллаҳои руснишин ва сарҳадии аморати Бухоро ба монанди Бухорои Нав (Когон), Чорҷӯи Нав, Термиз ва ғайра аз ҷиҳати идоракунӣ ва маъмурӣ ба ҳайати кишвари Туркистон дохил мешуданд.

Вале бояд қайд кард, ки ғайричашмдошти ҳукуматдорони подшоҳӣ муҳоҷирони рус бо мардуми маҳаллӣ бештар унс гирифта, талхию ширинии замони подшоҳиро якҷоя мечашиданд. Онҳо инчунин ба якдигар барои ғанӣ гардонидани таҷрибаи деҳқонӣ ва истифодаи техникаи нав кӯмаки амалӣ мерасониданд. Ҳангоми ба вуҷуд омадани ҳаракатҳои зиддимустамликавӣ ин муҳоҷирон такягоҳи боэътимоди ҳукумати подшоҳӣ нашуданд. Аз ин ҷиҳат ҳукуматдорони подшоҳӣ то андозае ба мақсади худ нарасиданд. Бинобар ин комиссияе, ки граф К.К. Пален сарварӣ мекард, чунин ҳолатро дарк намуда, пешниҳод намуд, ки минбаъд ба ин кишвар ба ҷои деҳқонони рус помешиконии русро фиристанд.

**Сарчашма:**

Муосирон аҳволи вазнини аввалин муҳоҷирони русро дар вилояти Самарқанд чунин тасвир намудаанд: «Дар мобайни дашти шӯрхоки сӯзон деҳе сохтаанд... Чанд кулбаи амонатӣ, ки

телбакорона бардоштаанд, дар гирду атроф на дарахте, на сабзае... фақат дашти ҳомуну дашти ҳомун...»

Б.Ғ.Ғафуров чунин ҳолати муҳоҷирони рус ва тақдири минбаъдаи онҳоро ин тавр тасвир кардааст: «Муҳоҷирон гурӯҳ-гурӯҳ ба сафи бекорон дохил шуда, дар ҷустуҷӯи ризқу рӯзӣ ба феодалони маҳаллӣ ва кулакҳои рус муздурӣ ва мардикорӣ мекарданд». Минбаъд ҳукуматдорони кишвари Туркистон маҷбур шуданд, ки барои муҳоҷирони рус бештар шароит муҳайё созанд. Бинобар ин «бисёр заминҳои ҳосилхез ба ихтиёри қисми дорои муҳоҷирон дода шуда, аҳолии маҳаллӣ ба заминҳои камҳосили баду вайрон ронда шуданд. Маълум, ки ин кор алангаи низои миллиро боло мекард». Ҳукуматдорони подшоҳӣ дар шароити кишвари Туркистон айнан ҳамин ҳолатро мехостанд. (*Ниг.*: Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Китоби 2. – с. 194-195)

**Санаҳои муҳим:**

1868 – оғози ба қаламрави кишвари Туркистон муҳоҷир намудани деҳқонони рус.

1886 – аз тарафи ҳукумати подшоҳии Русия тасдиқ намудани «Низомнома оиди идоракунии кишвари Туркистон».

**Савол ва супоришҳо:**

1) Ба маълумотҳои §6 ва мавзӯи мавриди омӯзиш такя намуда, оид ба ташкилёбии генерал-губернатории Туркистон ва усули идораи он муфассалтар ҷавоб гардонед. 2) Чаро кишвари Туркистонро қисми таркибии империяи Русия ҳисоб мекунанд? 3) Дар бораи «Низомнома оиди идоракунии кишвари Туркистон» чӣ медонед? 4) Сарзамини имрӯзаи Тоҷикистони Шимолӣ ва Бадахшон ба ҳайати кадом вилоятҳои кишвари Туркистон дохил мешуданд?. 5) Ҳукумати подшоҳӣ бо кадом мақсад деҳқонони русро ба қаламрави кишвари Туркистон муҳоҷир намуд? 6) Оё ҳукумати подшоҳӣ бо муҳоҷир намудани деҳқонони рус ба кишвари Туркистон ба мақсади асосии худ расид? 7) §§2 ва 6-ро такрор намоед.

## §17. ВАЗЪИ СИЁСИИ АМОРАТИ БУХОРО

### Муносибатҳои Русия ва аморати Бухоро

Вазъияти сиёсии аморати Бухоро баъди ба зери тасарруфи Русия гузаштан хеле тағйир ёфт. Акнун аморати Бухоро бо дигар давлатҳои ҳамсоя мустақилона

муносибат карда наметавонист. Чунин маҳдудият ҳарчанд дар ягон шартномаи байни Русияю Бухоро акс наёфтааст, вале амирони Бухоро дар симои ҳукумати подшоҳӣ ба худ пушту паноҳи пурқувватеро дида, бо мақсади нигоҳ доштани аморат ва осуда ҳукуматдорӣ намудан, «ихтиёран» аз баҳри чунин мустақилият баромада, худро ба тамом мутеи ҳукумати подшоҳии Русия ҳисобиданд.

22 апрели соли 1868 хати гумрукии (боҷии) Сибири Ғарбӣ ва Оренбургӣ аз байн бардошта шуд. Баъди он масъалаи тиҷорати байни Русияю Осиёи Марказӣ, ҳамчун масъалаи дохилии империяи Русия гардид. Соли 1894 хати гумрукии Русияю Бухороро низ аз байн бардоштанд ва он ба хати гумрукии Бухорою Афғонистон пайваст. Солҳои 1894-1895 дар чунин нуқтаҳои сарҳадии аморати Бухоро: Қаршӣ, Келиф, Чӯшқагузар, Патта-Ҳисор ва Айваҷ нуқтаҳои гумрукии Русия кушода шуд. Ин ташкилотҳо, бегуфтугӯ озодона ба бозори дохилии чӣ аморат ва чӣ кишвари Туркистон дохил гардидани молҳои хориҷиро маҳдуд мегардониданд.

Соли 1893 мувофиқи талаби вазорати молияи Русия аз тарафи ҳукумати амирии Бухоро ва хонигарии Хева сикка задани тангаҳои нуқрагин қатъ карда шуд. Қурби тангаи бухорой ва хевагӣ аз рӯи 15 тини русӣ ҳисоб карда, аз тарафи бонки Давлатии Русия харида мешуд. Бо ҳамин яке аз нишонаҳои асосии мустақилияти аморати Бухоро аз байн рафт. Вале амири Бухоро ҳарчанд дигар ҳуқуқи сикка задани тангаи худро надошта бошад ҳам, тангаи бухорой, дар қатори рубли русӣ, то барҳам хӯрдани тартиботи амирӣ фаъолият кард.

Ба ҳукумати подшоҳӣ содиқ будан ба ҳар се амирони Бухорои замони ҳукуматдории мустамликавии Русия дар ин сарзамин хос аст. Масалан, амир Музаффархон кӯшиш мекард, ки нисбати ҳукумати подшоҳӣ садоқати худро исбот намояд. Генерал-губернатори Туркистон К.П.Кауфман ҳам чунин садоқати ӯро эҳсос намуда гуфта буд, ки «беҳтарин ҳокими уездии ман амири Бухоро мебошад». Моҳи январи соли 1886 дар Бухоро «Агентии сиёсии императории Русия» кушода шуд, ки ба он агенти сиёсӣ сарварӣ мекард ва он дар асл, аз

фаъолияти амир ва ҳукумати ӯ назорат карда, ба маслиҳатчии асосиаш табдил ёфта буд.

### Тағйирот дар усули ворис таъинкунии амирони Бухоро

Аз замони амир Музаффархон сар карда ба тахти Бухоро таъин намудани ворис на ба хоҳиш ва иродаи амирон, балки ба розигии подшоҳи рус вобаста буд. Масалан, амир Музаффархон 13 писар дошт. Мувофиқи анъанаҳои пештара бародарон дар аввал аксар вақт баҳри мансаб байни худ меҷангиданд, баъди ба мансаб соҳиб шудан бо мақсади бехатарии салтанаташон бародарони дигарро нест мекарданд. Акнун чунин анъана, ки боиси хунрезиҳои зиёд мегардид, аз байн рафт. Масъулияти дар Бухоро ворис таъин кардан, бо розигии худи амирон ба ӯҳдаи подшоҳи Русия гузашт. Аз ҳамин сабаб Музаффархон якчанд писарони худро як-як ба Петербург, ба сӯҳбати подшоҳ фиристод. Соли 1882 ба чунин марҳамат Абдулаҳадхон мушарраф гардида, валиаҳд таъин шуд. Амир Абдулаҳадхон (1885-1911) дар навбати худ писараш – Олимхонро дар хурдсолиаш ба дарбори подшоҳ Николаи II (1894-1917) фиристод, ки вай дар он ҷо, бо ибораи С.Айнӣ чун «ғуломи ҳалқабаргӯши колонизаторон тарбия» гирифт ва лоиқи тоҷу тахти падар гардида тавонист.

Амирони охирини Бухоро нисбат ба ҳукумати подшоҳӣ содиқ буданд. Амалдорони аморат низ садоқати амиронро нисбат ба ҳукумати подшоҳӣ эҳсос намуда, дар навбати худ онҳо ҳам ба гумоштагони ҳукумати подшоҳӣ вафодории худро нишон медоданд. Аморати Бухоро аз ҷиҳати ҳуқуқ ҳарчанд давлати мустақил ба ҳисоб мерафт, вале дар асл аз ҷиҳати иқтисодӣ пурра ба талаботи сиёсати иқтисодии Русияи подшоҳӣ мутобиқ карда шуда буд.

### Таркиби маъмурии аморати Бухоро

Аморати Бухоро то охири аҳди амир Абдулаҳадхон аз ҷиҳати маъмурӣ ба 28 бекигарӣ ва 9 туман тақсим мешуд. Бекигариҳо инҳо буданд: Чорҷӯй, Кармина, Зиёуддин, Нурато, Қаршӣ, Хатирчӣ, Китоб, Шаҳрисабз, Чироқчӣ, Яккабоғ, Ғузор, Бойсун, Қаротегин, Қубодиён, Шеробод, Деҳнав, Ҳисор, Дарвоз, Балҷувон, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Шуғнону Рӯшон, Келиф, Каркӣ, Кабаклин, Бурдалик,

Норазм ва Саричӯй. Дар охири аҳди Абдулаҳадхон бекигарии Саричӯй барҳам дода шуд ва 5 амлокдории он ба бекигарии Ҳисор ҳамроҳ гардид. Аз бекигариҳои номбурда – Қаротегин, Қубодиён, Ҳисор, Дарвоз, Балҷувон, Кӯлоб, Қурғонтеппа ва Шуғнону Рӯшон ба қаламрави Тоҷикистони имрӯза дохил мешаванд. Туманҳои аморати Бухоро инҳо буданд: Қарокӯл, Зандане, Пирмаст, Ғиждувон, Конимех, Вағонзе, Вобкент, Шофирком ва Ёртеппа. Туманҳо асосан дар атрофи шаҳри Бухорои Кӯҳна – маркази аморат ҷойгир буданд ва онҳо бевосита аз тарафи қушбегӣ, ки дар аморат шахси дуюм (яъне баъди амир) буд, идора карда мешуд. Тамоми корҳои динӣ дар ихтиёри қозикалон, назорати иҷроиши меъёрҳои шариат дар ихтиёри раис буд. Дар бекигариҳо бек ё худ ҳоким сарварӣ мекарданд. Инчунин дар ҳар бекигарӣ ва туманҳо қозӣ таъин карда мешуд. Дар деҳаҳо хӯҷаинӣ дар ихтиёри арбобу оқсақолон буд.




*Сохти идоракунии сиёсию маъмурии аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX*

Дар хонигарии Хева ҳам, ба мисли аморати Бухоро, баъди мутеи Русияи подшоҳӣ гардидани он, дар идоракунии дохилиаш тағйироти ҷиддие ба вуҷуд наомадаанд.

**Сарчашма:**

С. Айнӣ дар бораи тарзи ба мансаби амирӣ соҳиб гардидани Абдулаҳадхон навиштааст: «Аз он ҷо ки амир Музаффарро авлод бисёр буд, назар ба одати собиқаи Бухоро мебоист дар вақти ҷулус хеле ғавғо барпо мегардид. Лекин бинобар тасаллути давлати Русия дар умури Бухоро ва тасдиқ кардани" валиаҳдии Абдулаҳад "ворисонро ҷуръат ва майдони толеъозмоӣ набуд. Аз тӯрагони соҳибрушд танҳо Сиддиқхон ҳокими Чорҷӯй дар вақти вуқӯи ин ҳодиса дар Бухоро ба рикоб ҳузур дошт. Чун аркони давлат аз ӯ гумони фитна доштанд, баъд аз вафоти амир ӯро ба баҳонаи аёдати падар ба болои арк бароварда ба хонае ҳабс карданд...

Абдулаҳад баъд аз ҷулус соири бародаронашро, ки ҳар кадом ба ҳар ҷо ҳукумат доштанд, ё аз ҷиҳати сиғари син дар Бухоро буданд ва ҳам бародарзодагонашро тамоман ҳабс ва қайд намуд. Танҳо Миракрам ҳокими Ғузорро камокон (пештара барин) ба ҳолаш гузошта то охири умр хотири ӯро шаръӣ дошт.» (*Ниг.*: Айнӣ С. Куллиёт. Ҷилди 10. –с.105-106).

**Санаҳои муҳим:**

1868 – 22 апрел – хати гумрукии Сибири Ғарбӣ ва Оренбургӣ аз байн бардошта шуд.

1885-1911 – солҳои ҳукмронии амир Абдулаҳадхон дар Бухоро

1886 – январ – дар Бухоро «Агентии сиёсии императори Русия» кушода шуд.

1893 – сикка задани тангаҳои нуқрагини бухорогӣ ва хевагӣ қатъ гардид

1894 – хати гумрукии Русияю Бухоро низ аз байн бардошта шуд

1894-1895 – дар чунин нуқтаҳои сарҳадии аморати Бухоро: Қаршӣ, Келиф, Чӯшқагузар, Патта-Ҳисор ва Айваҷ нуқтаҳои гумрукии Русия кушода шуд.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Чаро амирони минбаъдаи Бухоро «ихтиёран» худро ба мутеияти ҳукумати подшоҳии Русия кашида буданд? 2) Дар хати гумрукии байни Русияю мулкҳои Осиёи Марказӣ чӣ гуна тағйирот ба амал омад? 3) Сикказании тангаҳои бухороӣ ва хевагӣ аз кадом сол қатъ гардид? 4) Дар Бухоро «Агентии сиёсии императории Русия» кай кушода шуд ва он ба чӣ кор машғул буд? 5) Баъди ба тасарруфи Русия даромадани Бухоро тағйироти дар усули ворис таъинкунии амирони он ба амал омадаро бо мисолҳо шарҳ диҳед. 6) Вазъи маъмурии аморати Бухоро чӣ гуна буд ва кадоме аз он мулкҳо ба қаламрави Тоҷикистони имрӯза дохил мешаванд? 7) §§7-8 ва 17-ро такрор намоед.

# БОБИ 6
# СИЁСАТИ ИҚТИСОДИИ РУСИЯ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

## §18. СОХТМОНИ РОҲҲОИ ОҲАН

### Зарурияти роҳҳои оҳан

Барои ба макони ашёи хом, яъне пахта ва бозори молфурӯшии саноатчиёни рус табдил ёфтани Осиёи Марказӣ нақши роҳи оҳан хеле бузург аст. Зеро, бо сохтани ин роҳ, пахта аз водии Фарғона то ба марказҳои саноатии Русия дар муддати аз 2 то 6 ҳафта омада мерасид. Ҳангоми набудани роҳи оҳан воридшавии он аз 4 то 10 моҳро ташкил мекард.

Зарурияти сохтани роҳи оҳани Осиёи Марказиро сармоядорони Москва ҳанӯз соли 1874 ба миён гузошта буданд. Вале ҳукуматдорони подшоҳӣ, махсусан амалдорони соҳаи молия, сохтмони чунин роҳро барои Русия аз ҷиҳати иқтисодӣ зараровар меҳисобиданд. Бинобар ин, онҳо дар ибтидо сохтани чунин роҳро дастгирӣ накарданд. Вале вазъияти ҳамонвақтаи ҳарбии Русия сохтмони ин гуна роҳро на танҳо ба миён гузошт, балки тезонид.

Чунончӣ, қувваҳои ҳарбии Русия соли 1878 дар яке аз ҷангҳои аввалаи худ бо қабилаҳои туркман дар мавзеи Ахал-Тегин ба муқобилияти сахт дучор шуда, шикаст хӯрданд. Барои аскарони рус дар ин ҷанг, тай кардани даштҳои беобу регзор хело гаронӣ намуд.

### Оғози сохтмони роҳи оҳан

Бо мақсади таслим намудани қабилаҳои саркаши туркман, бо супориши ҳукумати подшоҳӣ 3 августи соли 1880 аз димоғаи Михайловск (ё худ Узун-Ада) сохтмони роҳи оҳанро

ба тарзи таъчилӣ оғоз карданд. 1 сентябри соли 1881 онро аллакай то ба Қизил-Арват расониданд. 20 сентябри ҳамон сол дар ин роҳ ҳаракати поезд оғоз ёфт. Соли 1884 ин роҳ то ба Ашқобод расид. Дар ин муддат тақдири қабилаҳои туркман ҳам ҳал гардид. Онҳо дар назди иқтидори ҳарбии аскарони рус маҷбур шуданд, ки таслим шаванд.



*Лаҳзаи сохтмони роҳи оҳан дар солҳои 80-ум асри XIX*

Бо забти сарзамини қабилаҳои туркман сохтмони роҳи оҳан қатъ нагардид. Баръакс, дар ин муддат аз ҷиҳати иқтисодӣ зарур ва фоидаовар будани роҳи оҳан исбот гардид. Бинобар ин сохтмони роҳи оҳан минбаъд ҳам идома ёфт. Он соли 1886 то ба Марв (Марӣ) ва Чорҷӯй омад. Баъдан он роҳ аз сарзамини аморати Бухоро гузашта, соли 1887 – то ба Бухорои Нав (Когон) расид ва ба сӯи Самарқанд идома дода шуд. Соли 1888 Самарқанд ҳам ба хати роҳи оҳан пайваст гардид.

Соли 1895 сохтмони роҳи оҳани Осиёи Марказӣ идома ёфт. Он соли 1899 ба воситаи Хавост ва Хуҷанд то ба Андиҷон расид ва дар ҳамин муддат дигар хати он аз Хавост то ба Тошкент омад. Сохтмони ин роҳ барои ноҳияҳои имрӯзаи Тоҷикистони Шимолӣ аҳамияти махсус дошт. Солҳои 1900-1901 роҳи оҳани байни Бухорои Нав ва Бухорои Кӯҳна (пойтахти аморати Бухоро), аз ҳисоби хазинаи амири Бухоро, сохта шуд. Солҳои 1900-1906 роҳи оҳани Тошкент-Оренбург сохта ба истифода дода шуд. Дар натиҷаи ин роҳҳои оҳани Осиёи Марказӣ бо роҳҳои оҳани умумирусиягӣ пайваст гардид.

### Ба сохтмони роҳҳои оҳан ҷалб намудани сармояи хусусӣ

10 июни соли 1905 ҳукумати подшоҳӣ қонуне баровард, ки мувофиқи он дар Русия барои иштирок ба сохтмони роҳҳои оҳан ба сармояи хусусӣ низ иҷозат дода мешуд. Дар натиҷа бо ташаббуси бонкҳои хусусӣ ва сармоядорони ҷудогона, бо мақсади сохтани роҳҳои оҳан ҷамъиятҳои гуногун ташкил карда шуданд. Масалан, соли 1912 ҷамъиятҳои роҳи оҳани Фарғона ва Ҳафтруд, соли 1913 ҷамъияти роҳи оҳани Бухоро ташкил шуданд.

Ҷамъияти роҳи оҳани Бухоро бо ташаббуси муҳандиси сохтмони роҳи оҳан А.Н. Ковалевский, бо иштироки бонки Русию Осиёгӣ ва амири Бухоро ташкил ёфта буд. Мақсади бунёди ин ҷамъият сохта ба истифода додани роҳи оҳани Бухорои Нав (Когон) – Қаршӣ-Келиф-Термиз, бо шохаҳои Қаршӣ-Ғузор-Китоб ба ҳисоб мерафт. Сохтмони ин роҳ соли 1914 оғоз ёфт ва соли 1916 ба охир расид. Дар сохтмони ин роҳ аз ҳисоби мардуми маҳаллӣ, махсусан, аз мардуми Қаротегин қувваи кориро ба тарзи васеъ истифода бурданд.

Роҳи оҳан ҳарчанд то ба водии Вахшу Ҳисор ва Кӯлоб, яъне сарзамини имрӯзаи Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ нарасида бошад ҳам, вале гумоштагони ширкатҳои гуногун, савдогарони алоҳида ба ин водиҳо сар даровардa, ба ин гӯшаҳои дурдаст мол меоварданд ва аз ин ҷо маҳсулотҳои заруриро харида бо роҳҳои гуногун то ба Термиз, Чорҷӯй, Қӯқанд, Самарқанд ва дигар истгоҳҳои роҳи оҳан мерасониданд. Бинобар ин сохтмони роҳҳои оҳан барои гӯшаю канори дурдаст ҳам бетаъсир намонд.

**Сарчашма:**

С.Айнӣ дар бораи ба сохтмони роҳи оҳани Бухорои Нав (Когон) – Қаршӣ-Келиф-Термиз сафарбар намудани мардуми водии Қаротегин навиштааст: «Ширкати роҳи оҳани Қаршӣ аз амир илтимос намуд, ки раийягони бекору бечораи худро ба муздурӣ ва мардикории роҳи оҳан даъват намояд. Ба ҳар касе, ки барои хизмат омаданӣ шавад, харҷи роҳ ва мувофиқи маъмул ҳаққул-хидмат дода мешавад.

Амир ин маъниро ба ҳокими Қаротегин навишта аҳолии он ҷоро, ки бечоратарин раоёи Бухороанд, (агар худ толиб бошанд)

ба хидмати роҳи оҳан даъват кард. Ба ҳисоби роҳи оҳан ба ояндагон харҷи роҳ доданро ба ҳоким танбеҳ намуд. Аммо ҳоким ба муносибати ин воқеа дар паи фикри мадохили худ афтод. Бинобар ин аз муздурӣ ва уҷратӣ (ҳаққи кор) хидмати он ва масорифи сафар ба аҳолӣ маълумоте надода, балки ин корро мисли хидмати аскарӣ маҷбурӣ нишон дода, мӯҳтарамтарин аҳолиро барои рафтан ба ин хидмат иҷбор кард.

Аҳолӣ аз ин ҳол дар ваҳшат афтода, барои халосии худ чораҷӯй шуданд. Табиӣ натиҷотдиҳандаи ягонаи эшон дар амсоли ин маврид пора ва ришва буду бас...» (*Ниг.*: Айнӣ С. Куллиёт. Ҷилди 10 – с.140-141)

**Санаҳои муҳим:**

1874 – пешниҳоди сармоядорони Москва оид ба зарурияти сохтмони роҳи оҳани Осиёи Марказӣ

1880 – 3 август – аз димоғаи Михайловск (ё худ Узун-Ада) ба тарзи таъҷилӣ оғоз гардидани сохтмони роҳи оҳан

1880 – 20 сентябр – дар роҳи оҳани Осиёи Марказӣ аввалин поезд ба ҳакарат даромад.

1887 – сохтмони роҳи оҳан то ба Бухорои Нав (Когон) расид.

1888 – сохтмони роҳи оҳан то ба Самарқанд расид.

1895-1899 – роҳи оҳани байни Хавост-Хуҷанд-Андиҷон ва Хавост-Тошкент сохта шуд.

1900-1901 – роҳи оҳани байни Бухорои Нав (Когон) — Бухорои Кӯҳна сохта шуд

1900-1906 – роҳи оҳани байни Тошкент-Оренбург сохта ва он бо роҳҳои оҳани умумирусиягӣ пайваст гардид.

1905 – 10 июн – ҳукумати подшоҳӣ ба сармояи хусусӣ барои иштирок намудан дар сохтмони роҳҳои оҳан иҷозат дод

1912 – ҷамъиятҳои роҳи оҳани Фарғона ва Ҳафтруд бунёд гардид.

1913 – ҷамъияти роҳи оҳани Бухоро бунёд гардид

1914-1916 – роҳи оҳани байни Бухорои Нав (Когон)-Қаршӣ-Келиф-Термиз, бо шохаҳои Қаршӣ-Ғузор-Китоб сохта шуд.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Зарурияти сохтмони роҳи оҳан дар Осиёи Марказӣ дар чӣ буд? 2) Чаро ҳукуматдорони подшоҳӣ пешниҳоди сармоядорони Москваро оид ба зарурияти сохтмони роҳи оҳани Осиёи Марказӣ

рад карданд? 3) Сохтмони роҳи оҳан дар Осиёи Марказӣ кай, аз куҷо ва бо кадом мақсад оғоз гардид? 4) Аввалин поезд дар роҳи оҳани Осиёи Марказӣ кай ба ҳаракат даромад? 5) Соли 1905 дар сиёсати сохтмони роҳҳои оҳани Русия чӣ гуна тағйирот ба вуҷуд омад? 6) Роҳҳои оҳани Осиёи Марказӣ бо роҳҳои оҳани умумирусиягӣ кай пайваст гардид? 7) Ҷамъияти роҳи оҳани Бухоро бо ташаббуси киҳо ташкил карда шуд? 8) Шаҳрҳои асосии Осиёи Марказиро, ки ҳамон давр аз онҳо роҳи оҳан гузаштааст, номбар кунед. 9) §§2, 16 ва 17-ро такрор намоед.

## §19. ВАЗЪИ КИШОВАРЗӢ

**Шаклҳои заминдорӣ ва андоз**

Маълум аст, ки дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар аморати Бухоро ва хонии Қӯқанд то забти Русия ҳиссаи бузурги замин – тахминан 50%-ро заминҳои давлатӣ-амлокӣ ва 25%-ро заминҳои вақфӣ ташкил медоданд. Дар ин заминҳо асосан деҳқонони камзамину безамин кор карда, ба фоидаи хазинаи амирию хонӣ ва ташкилотҳои вақфӣ (мадрасаҳо, масҷидҳо ва



*Лаҳзаи аз деҳқонон рӯёнидани андоз-хироҷ*

ғайра) андоз-хироҷ месупориданд. Тахминан 25 %-и боқимондаи заминро мулкҳои хури холис (яъне мулкҳои аз андоз озод) ва мулкҳои хориҷӣ ташкил менамуданд. Ҳукуматдорони подшоҳӣ аз чунин тартиботи заминдорӣ қаноатманд набуданд. Баъди забти Осиёи Марказӣ, дар кишвари Туркистон дар асоси «Низомнома оиди идоракунии...» ин кишвар заминҳои давлатӣ, яъне амлокӣ ва як ҳиссаи заминҳои вақфӣ чун мулки хусусӣ бевосита ба ихтиёри истифодакунандагонаш-деҳқонон супорида шуд. Инчунин он ҳиссаи заминҳои мулкие, ки то забтшавӣ аз андоз озод буданд, аз чунин ҳуқуқ маҳрум гардида, ба қатори заминҳои андозсупоранда дохил карда шуданд. Дар баъзе ноҳияҳо, дар асоси таҷрибаи Русия, қисме аз заминҳо ба ихтиёри обшинаҳои деҳқонӣ гузаронида шуд.

Дар кишвари Туркистон андози давлатиро, ки аз кишоварзон, яъне деҳқонон рӯёнида мешуд «оброк» меномиданд. Ҳамаи заминҳое, ки аз онҳо оброк мерӯёниданд, ба 8 зина (разряд) тақсим карда шуд. Мувофиқи он дар аксари заминҳои истифодашавандаи обӣ, аз рӯи даромаднокӣ андози оброкро ба ҳисоби миёна то 10 фоиз муайян кардаанд. Аз заминҳои лалмӣ аз ҳар десятина[1] – 25 тин рӯёнида мешуд. Барои мардуми бодиянишин, чун андоз, аз ҳар юрта (кибитка) 2 сӯму 50 тин, барои мардуми шаҳр мувофиқи мулки ғайриманқулаашон андози давлатӣ муайян кардаанд. Ҳамаи ин андозҳо ба фоидаи хазинаи подшоҳӣ ситонида мешуд. Агар соли 1896 аз мардуми кишвар ҳамчун андоз 6978720 сӯм ҷамъ карда бошанд, пас он соли 1917 зиёда аз 33 млн сӯмро ташкил намудааст.

Дар аморати Бухоро, баъди ба зери тасарруфи Русия гузаштани он, оид ба шаклҳои заминдорӣ ва андоз тағйироте ба вуҷуд наомад. Дар ин ҷо мисли пештара замин ба шаклҳои: амлокӣ (ё худ давлатӣ, ки ба он заминҳои бо ном амирӣ ҳам дохил мешавад), вақфӣ, мулкҳои хури холис ва хироҷӣ тақсим мешуданд. Чун аввал тахминан 75%-ро заминҳои амлокӣ ва вақфӣ ташкил менамуданд. Аз заминҳои амлокӣ ва хироҷӣ андоз бо номи хироҷ бояд 10 фоизи ҳосил ба фоидаи хазинаи

1. Як десятинаи русӣ баробари чор таноби маҳаллӣ, ё худ 1,09 гектар замин мебошад.

амир, аз заминҳои вақфӣ ҳамин микдор андоз ба фоидаи мадрасаю масҷидҳо ва дигар ҷойҳои муқаддас ситонида мешуд.

Андози дигари асосии пуркунандаи хазинаи ҳукумати амирии Бухоро закот ба ҳисоб мерафт. Закот чун андоз аз чорво, молҳои тиҷоратӣ ва пули нақд ситонида мешуд. Ин намуди андоз, мувофиқи Қуръони Шариф яке аз панҷ шартҳои асосии мусулмонӣ ба ҳисоб меравад. Ва он бояд ба фоидаи бенавоён ва дар роҳи Худо сарф мегардид. Мувофиқи шариати ислом ҳар чизе, ки даромад меоварад, агар аз он закот насупоранд, ҳаром аст.

Аминона ҳам яке аз андозҳои асосии замони амирӣ ба ҳисоб мерафт. Ин намуди андозро аз ҳамаи молҳои барои фурӯхтан муайяншуда меситониданд. Дар байни молҳое, ки ба фурӯш бароварда мешуд, ҷои намоёнро пахта, ғалла, пӯсти қарокӯлӣ, пашм, чорво, мева, матоҳои гуногун ва ғайраҳо ташкил менамуданд.

Ба ғайр аз андозҳои номбурда, дар шароити амирии Бухоро боз даҳҳо намудҳои гуногуни андоз вуҷуд доштанд. Амалдорони замони амирӣ барои аз мардум зиёдтар ситониданни андоз ҳавасманд буданд. Зеро, бо чунин тадбир онҳо аз як тараф ба амир ва наздикони ӯ кордонии худро нишон диҳанд, аз тарафи дигар як ҳиссаи андози ғункардаро аз они худ мекарданд.

### Кишти пахтаи навъи америкоӣ

Ҳанӯз дар нимаи дуюми асри XIX яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи пахтакории Осиёи Марказӣ ин иваз намудани пахтаи навъи маҳаллӣ – ғӯза, ки дар ин сарзамин аз замонҳои қадим кишт карда мешуд, бо навъи пешқадами ҷаҳонӣ-америкоӣ буд. Зеро, ғӯза, ки нахи кӯтоҳ дошт, талаботи рӯзафзуни саноатчиёни Русияро қонеъ гардонида наметавонист. Аз ҳамин сабаб дар сарзамини Осиёи Марказӣ бо ташаббуси ширкатҳои марказии Русия кишти пахтаи навъи америкоӣ оғоз ёфт.

Аввалин кӯшиши дар ҳудуди Осиёи Марказӣ паҳн намудани пахтаи навъи америкоӣ ба замони пеш аз забтшавӣ мувофиқ меояд. Масалан, ҳанӯз солҳои 1859-1860 дар Бухоро чунин навъи пунбаро, ки аз тарафи тоҷирони рус оварда шуда буд, чун таҷриба кишт кардаанд. Вале кишти онсола бо

сабаби риоя накардани қоидаҳои агротехникӣ ҳосил надод. Баъди забтшавӣ, соли 1874 дар уездҳои Тошкент, Хуҷанд ва Қурама кӯшиши кишти пахтаи навъи америкоӣ ба миён омад. Боз натиҷаи манфӣ дод. Бори сеюм онро соли 1882 кишт карданд ва дар шароити кишвар аввалин маротиба натиҷаи дилхоҳ дод. Минбаъд дар Осиёи Марказӣ сол аз сол кишти ин навъи пахта зиёд гардид. Чунончӣ, агар соли 1885 пахтаи навъи америкоӣ қариб ба ҳазор десятина кишт карда, 30 ҳазор пуд пахта гирифта бошанд, пас соли 1887 чунин пахтаро дар майдони қариб 14,5 ҳазор десятина кишт карда, аз он 212 ҳазор пуд ҳосил гирифтаанд.

Дар ҳудуди аморати Бухоро ва хонигарии Хева аз соли 1887, бо ташаббуси рафоқати тиҷоратию саноатии Осиёи Миёнагии Кудрин ва К° кишти пахтаи навъи америкоӣ сар шудааст. То ин вақт дар ҳудуди ин ду мулк кишти пахтаи навъи америкоиро манъ карда буданд. Маҳз рафоқати номбурда аз амир ва хон оид ба кишти ин навъи пахта иҷозат гирифтааст.

Солҳои 80-90-уми асри XIX рафоқатҳо ва ширкатҳои номии марказие, ки дар ноҳияҳои гуногуни Осиёи Марказӣ нуфуз пайдо карда буданд: рафоқати Кудрин ва К°, рафоқатҳои мануфактураи бузурги Ярослав, «Владимир Алексеев» ширкатҳои бародарон Шлосберг, Познанскийҳо, Крафт ва ғайраҳо ба ҳисоб мерафтанд. Масалан, дар солҳои 1886-1887 аз тарафи рафоқати Кудрин ва К° дар Тошкент, Қӯқанд, Хуҷанд, Намангон, Марғелон, Бухоро, Чорҷӯй, Марв, Хева ва Дилварзин 20 ҳазор пуд пунбаи пахтаи навъи америкоӣ тақсим гардидааст. Ба ғайр аз ин худи рафоқат дар плантатсияҳои дар ноҳияҳои гуногуни кишвари Туркистон доштааш қариб даҳ ҳазор десятина ин гуна навъи пахта кишт намудааст.

Намояндаи ширкати Крафт – И.Мейеркорт бошад ба деҳқонон пунбаи пахтаи навъи америкоиро бе пул тақсим карда дод. Он инчунин, бо мақсади ҳавасмандӣ, барои онҳое, ки зиёда пахтаи аълосифати ин навъро супридаанд, ҳатто мукофотҳои пулӣ муайян кардааст.

Албатта, рафоқатҳо ва ширкатҳои марказӣ аз харидани пахтаи маҳаллӣ-ғӯза низ даст накашидаанд. Вале онҳо кӯшиш мекарданд, ки деҳқонон ҳар чӣ зиёдтар маҳз пахтаи

навъи америкоӣ коранд. Барои ин онҳо деҳқонони пахтакори кишварро маҷбур не, балки ҳавасманд менамуданд. Нархи хариди пахтаи навъи америкоӣ низ нисбат ба ғӯза баландтар буд.

Ҳамин тавр, бо ташаббуси рафоқатҳо ва ширкатҳои марказии Русия аз аввали солҳои 80-уми асри XIX кишти пахтаи навъи америкоӣ ҷорӣ карда шуд ва он сол аз сол хеле вусъат ёфт. Ба душвориҳои молиявӣ нигоҳ накарда, маҳз бо ташаббуси ширкатҳои марказӣ дар ноҳияҳои гуногуни Осиёи Марказӣ баъзе таҷрибаҳои пешқадами коркарди замин, махсусан, коркарди америкоӣ оҳиста-оҳиста ҷорӣ карда шуд. Аз ҷумла, дар баъзе хоҷагиҳо ҳангоми шудгори замин аз плугҳо низ истифода бурдаанд.

Умуман, чорабиниҳои гуногуни дар соҳаи пахтакорӣ пешгирифта (пеш аз ҳама ҳавасманд намудани деҳқонон) имконият доданд, ки дар Осиёи Марказӣ пахтакорӣ инкишоф ёбад, ҳосилнокии он нисбат ба солҳои пешин зиёд гардад ва истеҳсоли пахта хело афзояд. Дар натиҷа агар дар саноати бофандагии Русия ҳиссаи пахтаи ватанӣ (онро асосан пахтаи Осиёи Марказӣ ташкил медод, зеро ҳиссаи пахтаи Кавказ хеле ночиз буд) соли 1890 тақрибан 30 фоиз ва хориҷӣ 70 фоиз бошад, пас соли 1914 ҳиссаи пахтаи ватанӣ ( ба марказ кашонидани он соли 1915 ҳам идома ёфт) тақрибан ба 70 фоиз расиду ҳиссаи пахтаи хориҷӣ то ба 30 фоиз фаромад. Ин бори дигар гувоҳӣ медиҳад, ки дар солҳои ҷанги якуми ҷаҳон Осиёи Марказӣ ба манбаи асосии ашёи хом – пахтаи саноати бофандагии Русия табдил ёфтааст.

**Сарчашма:**

Андоз ва маҷбурияти замин дар генерал-губернатории Туркистон дар асоси «Низомнома оиди идоракунии кишвари Туркистон».

### АНДОЗҲОИ ДАВЛАТӢ
### АНДОЗИ ОБРОК

**Моддаи 241**

Ҳамаи заминҳое, ки аз онҳо оброк гирифта мешавад, ба 8 разряд тақсим мешаванд: ба разряди якум заминҳое дохил ме-

шаванд, ки аз ҳар десятинаи киштбоб ба ҳисоби миёна шаст сӯм даромад диҳанд;

Ба разряди дуюм – аз 60 то 50 сӯм;

Ба разряди 3-юм – аз 50 то 40 сӯм;

Ба разряди 4-ум – аз 40 то 30 сӯм;

Ба разряди 5-ум – аз 30 то 25 сӯм;

Ба разряди 6-ум – аз 25 то 20 сӯм;

Ба разряди 7-ум – камтар аз 20 сӯм;

Ба разряди 8-ум – заминҳое дохил мешаванд, ки онҳоро борон обёрӣ мекунад (заминҳои лалмӣ).

**Моддаи 242**

Андози давлатии оброк ба микдори зерин муқаррар карда мешавад. Дар разряди 1-ум 10 % аз даромади миёнаи умумии ҳар як десятинаи киштбоб;

Дар разряди 2-юм – аз ҳар десятинаи киштбоб 5 сӯм;

Дар разряди 3-юм – аз ҳар десятинаи киштбоб 4 сӯм;

Дар разряди 4-ум – аз ҳар десятинаи киштбоб 3 сӯм;

Дар разряди 5-ум – аз ҳар десятинаи киштбоб 2 сӯм;

Дар разряди 6-ум – аз ҳар десятинаи киштбоб 1 сӯм;

Дар разряди 7-ум – аз ҳар десятинаи киштбоб 50 тин;

Дар разряди 8-ум – аз ҳар десятинаи киштбоб 25 тин.

**Моддаи 246**

Ҳавлӣ инчунин боғу токзор ба ҳамон разрядҳое дохил мешаванд, ки аз ҷиҳати даромаднокӣ ба заминҳои даштӣ дохил карда шудаанд ва аз рӯи ҳамон акт андоз гирифта мешавад.

**Моддаи 251**

Андози оброк барои ҳар як вилоят дар давоми 12 сол, аз рӯзи дар вилоят ҷорӣ гардидани ҳамин бетағйир мемонад.

**Моддаи 256**

Андози давлатии оброк дар як вақт, аз 11 октябр то 31 декабри соли ҷорӣ супорида мешавад. Мӯҳлати имтиёзноки супоридани андози оброк то 1-уми марти соли оянда муайян карда мешавад.

*Эзоҳ:* Аз заминҳои лалмӣ, ки дар соли бебориш ҳосил надодаанд, бо таклифи губернаторҳои ҳарбӣ ва сардори калони кишвар гирифтани оброк як чанд сол ба таъхир гузашта мешавад.

## АНДОЗИ ИСТИҚОМАТГОҲ

**Моддаи 261**

Кӯчманчиён барои гирифтани ҳуқуқи истифодабарии хонаи зимистонӣ ва айлоқҷойҳо ба маблағи 2 сӯму 50 тин андоз медиҳанд.

*Эзоҳ:* Ҳар як бинои алоҳида (юрта, каппа, заминкан), хона ҳисоб карда мешавад.

**Моддаи 263**

Ба ҳисобгирии хонаҳо дар кишвари Туркистон дар ҳар 3 сол як бор гузаронида мешавад ва дар ин муддат шумораи хонаҳо тағйир намеёбад.

## МАҶБУРИЯТҲОИ ЗЕМСТВОГӢ (ШАҲРӢ)

**Моддаи 282**

Аҳолии кишвари Туркистон аз маҷбуриятҳои давлатии земствогӣ озод карда шуда, фақат маҷбуриятҳои маҳаллиро ба ҷо меоранд:

1. Маҷбуриятҳои умумӣ, ки ба истеъмоли тамоми кишвар мансуб аст, ҳамаи аҳолии вилоятҳои тобеи он якҷоя ба ҷо меорад.

2. Маҷбуриятҳои вилоятӣ барои нигохдории идораҳои маҳаллӣ;

3. Маҷбуриятҳои хусусӣ, ки ба эҳтиёҷоту фоидаи ҷамъиятҳои ҷудогона тааллуқ дошт, дар ҷамъият бо маблағи худ ба ҷо оварда мешуд.

*Эзоҳ:* Ба маҷбуриятҳои вилоятӣ инчунин нигоҳ доштани муассисаҳои муваққатии доир ба тақсимоти замини кишвар дахл дорад. (*Ниг.*: Хрестоматияи таърихи РСС Тоҷикистон – с. 219-221.)

С. Айнӣ дар бораи усули муайян намудани миқдори хироҷ дар замони амирии Бухоро навиштааст: «Вақти расидани ҳосил муставфии хироҷ (амлокдор) ё намояндаи он бо саворе чанд ба сари замин омада ҳосилро аз будаш ду дараҷа зиёдтар тахмин карда, миқдори ҳаққи подшоҳиро ба қиёси он тахмин ба номи

деҳқони фалакзада навишта меравад. Дар вақти тахмин як шахсе ба сифати аминӣ ба унвони намояндагии деҳқон ҳамроҳи муставфиён бошад ҳам, аз ин амин ба деҳқон нафъе намерасад, азбаски нони амин аз табақи муставфӣ равғанӣ мешавад, ин ҳам ба қадри мақдур тахминро мувофиқи дилхоҳи муставфӣ мекунад». Бинобар ин «инҳо ихтиёр доштанд – мегӯяд С.Айнӣ, – ки як заминро як ман (128 кг) ё даҳ ман ҳосилот тахмин намоянд. Пас дар ин сурат ҳеҷ тафовут надорад, ки амир даҳяк фармояд ё даҳ панҷ». (*Ниг.*: Айнӣ С. Куллиёт. Ҷилди 10. – с.111, 136).

**Санаҳои муҳим:**

1859-1860 – аввалин кӯшиши кишти пахтаи навъи америкоӣ дар Осиёи Марказӣ (дар Бухоро)

1874 – кӯшиши дуюми кишти пахтаи навъи америкоӣ

1882 – кӯшиши сеюми кишти пахтаи навъи америкоӣ ва он бори аввал натиҷаи дилхоҳ дод.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Дар шаклҳои заминдорӣ ва андози кишвари Туркистон чӣ гуна тағйиротҳо ба амал омад? 2) Шаклҳои заминдорӣ ва андозу андозситонӣ дар аморати Бухоро чӣ гуна буд? 3) Зарурияти дар қаламрави Осиёи Марказӣ инкишоф додани кишти пахтаи навъи америкоӣ дар чист? 4) Дар Осиёи Марказӣ кай аввалин кӯшишҳои кишти пахтаи навъи америкоӣ карда шуд? 5) Дар бораи тадбирҳое, ки рафоқатҳо ва ширкатҳои марказии Русия дар инкишофи кишти пахтаи навъи америкоӣ андешиданд, нақл кунед. 6) Осиёи Марказӣ кай ба манбаи асосии ашёи хом – пахтаи саноати бофандагии Русия табдил ёфт? 7) §§2, 16 ва 17-ро такрор кунед.

## §20. ПАЙДОИШИ САНОАТ

### Ба вуҷуд омадани аввалин корхонаҳои саноатӣ

Барои Осиёи Марказӣ солҳои 80-90-и асри XIX асосан солҳои бавуҷудоӣ ва инкишофи соҳаҳои гуногуни саноат ба ҳисоб меравад. Зеро мувофиқи баъзе маълумотҳо то соли 1880 дар кишвари Туркистон ҳамагӣ 21 корхонаи саноатӣ вуҷуд доштааст. Аз он ҷумла: 1 заводи пахтатозакунӣ, 2 заводи пӯст, 1 заводи собунпазӣ, 1 матбаа, 4 заводи вино, 1 заводи пивопазӣ, 5 заводи

спирттозакунӣ, 1 корхонаи пиллахушккунӣ, 1 заводи биринчтозакунӣ ва ғайра амал мекардаанд.

То солҳои 80-уми асри XIX гумоштагони рафоқатҳо ва ширкатҳои Русия пахтаи аз Осиёи Марказӣ харидаашонро ба шаҳрҳои марказӣ, аз он ҷумла Москва ва атрофи он фиристода, дар ҳамон ҷо онҳоро аз пунбааш (пундонааш) тоза мекарданд, ки ин бароящон хело гаронӣ мекард. Аз ин рӯ, аз солҳои 80-ӯм бо ташаббуси онҳо дар маҳалҳои гуногуни пахтакор (бештар дар назди деҳаҳо) заводҳои пахтатозакунӣ сохта шуданд. Дар аввал барои ҳаракати он заводҳо қувваи гов ё асп истифода мешуд. Минбаъд онҳоро бо техника иваз карданд. Дар натиҷаи чунин чорабиниҳо аз соли 1880 то соли 1890 танҳо дар кишвари Туркистон боз 63 корхонаи нави саноатӣ ба кор шурӯъ намуд, ки 22-тоаш заводҳои пахтатозакунӣ буданд. Солҳои 1890-1900 боз 111 корхонаҳои нави саноатӣ сохтанд, ки аз онҳо: 52 заводи пахтатозакунӣ, 3 заводи равғанкашӣ, 6 матбаа, 19 заводи винокашӣ ва ғайра буданд. То соли 1900 шумораи умумии корхонаҳои саноатии кишвари Туркистон ба 195 адад расида буд. Аз ин миқдор 75 заводро корхонаҳои пахтатозакунӣ ташкил мекарданд.

### Инкишофи саноат дар ибтидои асри XX

Дар ибтидои асри XX корхонаҳои саноатӣ дар Осиёи Марказӣ аз ҷиҳати миқдор хело зиёд гардида, сифатан ҳам тағйир ёфтанд. Бисёре аз онҳо аз таҷҳизотҳои нави замонавӣ истифода мебурданд. Махсусан, чунин тағйиротҳо дар заводҳои пахтатозакунӣ бештар мушоҳида мегардид.

Заводҳои пахтатозакунӣ ба соҳибонашон даромади зиёд медоданд. Зеро, онҳо пахтаро аз деҳқонон бо нархи нисбатан арзон харида, онро дар заводи худ тоза намуда (яъне нахашро аз пунбааш ҷудо намуда) нахашро бо нархи хеле гарон ба корхонаҳои бофандагӣ мефурӯхтанд. Аз ҳамин сабаб шумораи заводҳои пахтатозакунӣ дар Осиёи Марказӣ бо суръат меафзуд ва дар соли 1914 то ба 378 адад расид, ки аз он 338 завод фақат дар кишвари Туркистон (аз ҷумла дар вилояти Фарғона – 240 завод), дар аморати Бухоро – 29 ва дар хонии Хева – 11 завод ҷой гирифта буд.



*Заводи равғанкашии бародарон Вадяевҳо дар шаҳри Қӯқанд*

Сохтмони заводҳои пахтатозакунӣ минбаъд ҳам идома ёфт. Аз он ҷумла, соли 1916 дар Саройи Камар (Панҷи ҳозира) ягона дар Бухорои Шарқӣ заводи пахтатозакунӣ сохта шуд, ки он то барқароршавии ҳукумати шӯравӣ амал кард. Он завод ба Ширкати Бухорои Шарқӣ тааллуқ дошт.

Дар аввал пунбаро (ё худ пундонаро) аз пахта (ё худ аз ғӯза) ҷудо карда, онро бештар ба ҷои сузишворӣ истифода мебурданд. Яъне, қисми зиёди пунба ҳамчун ашёи хом бе ягон фоида нобуд мешуд. Бо мақсади истифодаи ин ашё ва аз он гирифтани равған аз аввали солҳои 90-и асри XIX бо ташаббуси ширкатҳо ва тоҷирон заводҳои равғанкашӣ сохта ба истифода дода шуданд, ки шумораи онҳо соли 1914 ба 29 адад расид. Масалан, заводи равғанкашии бародарон Вадяевҳо, ки ибтидои асри XX дар шаҳри Қӯқанд сохта шуда буд, аз ҷиҳати таҷҳизот яке аз пешқадамтарин корхонаҳои ҷаҳонӣ ба ҳисоб мерафт.

Мувофиқи ашёи хоми кишвар инчунин заводҳои дигар, ба монанди: хиштпазӣ, ордкашӣ, винокашӣ, пивопазӣ, собунпазӣ, коркарди чӯб, коркарди пӯст, фабрикаҳои тамоку,

гӯгирдбарорӣ, корхонаҳои шоҳибофӣ ва ғайра ба вуҷуд омаданд. Дар натиҷаи инкишофи шаклҳои гуногуни саноат шумораи умумии заводу фабрикаҳои кишвари Туркистон соли 1914 ба 852 ва соли 1917 ба 1100 адад расидааст. Албатта, аксарияти кулли онҳо корхонаҳои хурд буданд. Миқдори зиёди заводу фабрикаҳои нав низ дар вилояти Фарғона ҷой гирифта буданд. Бо инкишофи корхонаҳои саноатӣ Қӯқанд, Наманган, Андиҷон (дар вилояти Фарғона), Самарқанд, Хуҷанд (дар вилояти Самарқанд), Тошкент (дар вилояти Сирдарё), Когон (дар аморати Бухоро) ва дигарҳо ба марказҳои саноатӣ табдил ёфтанд.

**Сарчашма:**

Мувофиқи маълумоти расмии ҳукумати подшоҳӣ (начандон саҳеҳ, зеро таъсиси бисёр заводҳо нишон дода нашудааст) дар охирҳои асри XIX дар кишвари Туркистон миқдори танҳо заводҳои пахтатозакунӣ аз 100 адад зиёд будааст. Инчунин, мувофиқи он маълумот, дар ҳамон давр, заводҳои пахтатозакунӣ дар сарзамини аморати Бухоро (зиёда аз 10 завод) ва хонигарии Хева (тахминан 5 завод) низ вуҷуд доштаанд. Аз ин рӯ, ҷамъбасти умумии заводҳои пахтатозакунии Осиёи Марказӣ дар он давр ба 120 ва тамоми корхонаҳои саноатӣ бошад тахминан ба 240-250 адад мерасанд. Аз сабаби он ки истеҳсоли пахта, махсусан дар вилояти Фарғона меафзуд, маҳз дар ҳамин вилоят тахминан 70-80 фоизи заводҳои пахтатозакунӣ ҷойгир буданд. (*Нин.*: Фабрично-заводские предприятия Российской империи. Пгд., 1914. «К»)

**Санаҳои муҳим:**

Солҳои 80-90-и асри XIX – солҳои бавуҷудоӣ ва инкишофи соҳаҳои гуногуни саноат дар Осиёи Марказӣ

1916 – сохтани заводи пахтатозакунӣ дар Саройи Камар (Панҷи ҳозира), ки аввалин чунин завод дар ҳудуди Бухорои Шарқӣ ё худ Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубии имрӯза ба ҳисоб меравад.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Ба вуҷуд омадан ва инкишоф ёфтани соҳаҳои гуногуни саноат дар Осиёи Марказӣ асосан ба кадом солҳо мувофиқ меоянд? 2) Чаро дар Осиёи Марказӣ бештар заводҳои пахтатозакунӣ ва равғанкашӣ бунёд гардидаанд? 3) Дар он давр бештари он заводҳо дар кадом минтақаҳо ҷойгир буданд? 4) Аввалин заводи пахтатозакунӣ дар ҳудуди Бухорои Шарқӣ кай ва дар куҷо ба вуҷуд омад? 5) Намуди заводҳои дар он давр мавҷуд бударо номбар кунед. 6) §§2, 16 ва 18-ро такрор намоед.

## §§21-22. СИЁСАТИ МОЛИЯВӢ. БОНКҲО

**Кассаҳои қарздиҳии уездӣ**

Дар шароити Осиёи Марказӣ асоси истеҳсолотро истеҳсолкунандагони хурд-хоҷагии пахтакорон, ғаллакорон, ҳунармандон, косибон ва чорводорон, яъне онҳое, ки худ бо истеҳсолот машғул буданд, ташкил менамуданд. Онҳо ҳар сол ба фоидаи давлат хелҳои гуногуни андозро супорида, хазинаро пур мекарданд. Аз ин рӯ, дар шароити кишвари Туркистон ҳукуматдорони подшоҳӣ бенавогардии ин қисми аҳолиро намехостанд. Зеро, чунин ҳолат натанҳо барои ҷамъоварии андоз, балки барои мавҷудияти худи системаи мустамликавӣ хавфи ҷиддӣ дошт. Ҳукуматдорони подшоҳӣ ба хубӣ эҳсос мекарданд, ки истеҳсолкунандагони хурди кишвар мӯҳтоҷи дастгирии молиявӣ мебошанд ва ҳамин ҳолат онҳоро ба доми судхӯрон кашидааст. Судхӯрон ба ивази қарзи додаашон 60-80 ва ҳатто аз он зиёд фоиз талаб мекарданд. Баъзе амалдорони подшоҳӣ, дар шароити Осиёи Марказӣ роҳи халосиро дар ҷорӣ намудани фаъолияти кассаҳои қарздиҳии уездӣ медиданд.

Соли 1870 генерал-губернатори Туркистон Кауфман дар шароити кишвар зарурияти кассаҳои қарздиҳии уездиро ба миён гузошта буд. Соли 1873 барои кишвари Туркистон оинномаи чунин кассаҳо тартиб дода шуд. Мувофиқи он пешниҳод шуда буд, ки ба хоҳишмандон-мӯҳтоҷон қарз ба миқдори аз 10 то 300 сӯм (он солҳо дар вилояти Самарқанд ба 30 сӯм як гови

ҷӯшоӣ ва ё як асп харидан мумкин буд) ба мӯҳлати аз 3 моҳ то як сол, ба ивази 6%-и солона дода шавад. Дар асоси ҳамин оинномаи умумии кишвар минбаъд ҳар як кассаи нав ба вуҷуд омада оинномаи худро тартиб медод.

Дар ҳудуди кишвари Туркистон аввалин кассаҳои қарздиҳӣ соли 1876 дар шаҳри Намангони вилояти Фарғона, соли 1882 дар Катта-Қӯрғони округи Зарафшон (баъд вилояти Самарқанд) ташкил карда шуд. Доираи фаъолияти кассаи Катта-Қӯрғон ҳудуди участкаи Панҷакентро низ, ки тумани Нагорний меномиданд, дар бар мегирифт. Соли 1885 кассаи қарздиҳии уезди Хуҷанд ташкил ёфт.

Фонди пулии кассаҳо аз маблағи-даромади худи уезд ва вилоят таркиб меёфт. Чунин даромад аз ҳисоби андоз, махсусан, андози кишоварзон, даромади шаҳрҳо ва ғайра иборат буд.

Миқдори кассаҳои қарздиҳии уездӣ дар кишвари Туркистон соли 1903 ба 21 ташкилот, бо сармояи 342,5 ҳазор сӯм расид. Ин маблағ соли 1909 ба 1159 ҳазор сӯм ва дар арафаи ҷанги якуми ҷаҳон ба 1,6 млн сӯм расид. Масалан, маблағи кассаи Хуҷанд агар ҳангоми ташкилшавӣ (с.1885) 7,5 ҳазор сӯмро ташкил диҳад, пас соли 1909 он ба 12 ҳазор сӯм расид. Албатта ин миқдор маблағ талаботи рӯзафзуни истеҳсолкунандагони хурдро қонеъ гардонида наметавонист. Барои аксари онҳо чунин қарз дастнорас низ буд. Фаъолияти чунин кассаҳо танҳо ҳудуди кишвари Туркистонро фаро гирифта, онҳо дар ҳудуди аморати Бухоро ва хонигарии Хева ҳоло вуҷуд надоштанд.

**Фаъолияти рафоқатҳо ва ширкатҳои марказии Русия**

Рафоқатҳо ва ширкатҳои марказии тиҷоратии Русия, ки манфиати саноати бофандагиро ҳимоя мекарданд, махсусан, тарафдори инкишофи пахтакорӣ буданд. Чуноне ки дар боло таъкид кардем, маҳз бо ташаббуси онҳо дар ҳудуди Осиёи Марказӣ кишти пахтаи навъи америкоӣ паҳн гардид. Маҳз он рафоқатҳо ва ширкатҳо зарурияти қарзро барои инкишофи пахтакорӣ эҳсос намуда, чунин хоҷагиҳоро ба қадри имкон бо пул таъмин карданд

Масалан, рафоқати мануфактураи бузурги Ярослав аз соли 1887 сар карда барои кишти пахтаи навъи америкоӣ, ба ивази 8%-и солона қарз медод. Ин рафоқат дар амалиёти қарздиҳии худ бо рафоқати «Владимир Алексеев» якҷоя фаъолият мекард. Ин ду рафоқат соли 1900 дар 14 волостҳои уезди Андиҷон ба 5632 нафар деҳқонон қариб 415 ҳазор сӯм қарз додаанд. Деҳқонон бошанд ба ивази ин қарз пахтаи худро бояд маҳз ба намояндагони ҳамин рафоқатҳо месупориданд. Намояндаи ин рафоқатҳо на танҳо дар ҳудуди вилоятҳои гуногуни кишвари Туркистон, балки дар ҳудуди аморати Бухоро ва хонигарии Хева ҳам амал мекарданд.

Рафоқати Кудрин ва К°, ширкатҳои бародарон Шлоссберг, Пазнанскийҳо, Крафт, Л. Кноп ва ғайра, ки дар ноҳияҳои гуногуни кишвар фаъолият доштанд, ба мисли рафоқатҳои дар боло номбурда, бо шартҳои гуногун ба деҳқонон қарз медоданд. Масалан, рафоқати Кудрин ва К° (рафоқати тиҷоратию саноатии Осиёимиёнагии Кудрин ва К°) 27 июли соли 1884 (бо марказ дар Москва) аз тарафи 56 нафар саҳмдорони москвагӣ, аз ҷумла ширкати Савва Морозов, бо мақсади аз ҳудуди Осиёи Марказӣ ва Эрон харидани пахта ташкил карда шуда буд. Ин рафоқат дар Оренбург, Тошкент, Қӯқанд, Қошғар, Бухоро, Чорҷӯй, Марв, Ашқобод, Кучан ва Машҳад идора ва амборҳои худро дошт. Рафоқат деҳқонони ноҳияҳои пахтакор ва нуқтаҳои ба он наздикро бо қарзҳои гуногун таъмин менамуд.

Умуман, фаъолияти қарздиҳии рафоқатҳо ва ширкатҳои марказии Русия дар роҳи инкишофи иқтисодиёти Осиёи Марказӣ, махсусан, пахтакорӣ қадами ҷиддие буд. Маҳз онҳо дар ҳудуди кишвар барои фаъолияти васеи сармояи бонкӣ шароити мусоидро ба вуҷуд оварданд.

**Бонкҳо**

Зарурияти дар шароити Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама кишвари Туркистон оғоз намудани фаъолияти бонкҳои марказии Русияро рафоқатҳо ва ширкатҳои марказии тиҷоратӣ ба миён гузоштанд. Зеро, намояндагони онҳо, ки дар кишвар бо корҳои тиҷорат машғул буданд, на ҳама вақт бо пули зиёд ба ин сарзамин омада метавонистанд.



*Тоқи Саррофон дар шаҳри Бухоро. Дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX ҳам яке аз марказҳои асосии тиҷорат ва иваз намудани пул буд.*

Аз ин рӯ, онҳо аз хукумати подшоҳӣ талаб мекарданд, ки дар кишвари дурдаст шӯъбаи бонкҳои Русияро ташкил намоянд. Мувофиқи талаби онҳо 10 майи соли 1875 дар Тошкент аввалин ташкилоти давлатии қарздиҳӣ дар кишвар – шӯъбаи бонки Давлатии Русия кушода шуда буд. Шӯъба то соли 1890 дар сарзамини Осиёи Марказӣ ягона ташкилоти калони қарздиҳӣ ба ҳисоб мерафт ва он ба ширкату тоҷирони калон қарзи кӯтоҳмуддат (то 1 сол) медод. Минбаъд ин бонк шӯъбаҳои худро дар шаҳрҳои Самарқанд (с.1890), Қӯқанд (с. 1893), Бухоро (с.1894), Ашқобод (с.1895), Андиҷону Верний (с.1911) кушод.

Аз аввали солҳои 90-и асри XIX дар Осиёи Марказӣ бонкҳои тиҷоратӣ ё худ хусусии Русия ҳам шӯъбаҳои худро кушоданд. Шумораи онҳо асосан дар ибтидои асри XX афзуд. 9 адад чунин бонкҳо дар кишвар 45 ташкилоти худро доштанд. Он бонкҳои тиҷоратии Русиягӣ, ки дар Осиёи Марказӣ ташки-

лотҳои худро доштанд, инҳоанд: Русию Осиёгӣ (дар асоси собиқ бонки Русию Хитоӣ бунёд гардидааст), Тиҷорати Сибирӣ, Азовию Донӣ, Волжию Камагӣ, Муттаҳида (дар асоси собиқ бонки тиҷорати Байналхалқии Москвагӣ бунёд гардидааст), Русии барои тиҷорати беруна, Тиҷорати Москвагӣ, Саноати Москвагӣ ва Ҳисоби Москвагӣ. Инчунин як адад бонки нимҳукуматӣ русиягӣ – Ҳисоби қарздиҳии Эрон низ дар Осиёи Марказӣ ташкилотҳои худро дошт. Ба ғайр аз ин бонкҳои Русиягӣ боз 18 адад бонкҳои маҳаллӣ дар шакли ҷамъиятҳои қарздиҳии байнихудӣ, бонкҳои тиҷоратӣ ва шаҳрӣ мавҷуд буданд. Шумораи умумии ташкилоти бонкҳои марказӣ ва маҳаллӣ дар Осиёи Марказӣ ба 72 адад расида буд, ки аз онҳо дар арафаи инқилоби Октябр 61 ададаш амал мекард.

Шӯъбаҳои бонкҳо бештар дар вилояти Фарғона (22 ташкилот) ҷойгир шуда буданд. Боқимонда дар вилоятҳои Сирдарё, Моварои Каспӣ (Закаспий) (дар ҳар кадом 10 ташкилотӣ), Самарқанду Ҳафтруд (дар ҳар кадом 9 ташкилотӣ), яъне ҷамъ дар кишвари Туркистон 60 ташкилоти бонкӣ ҷойгир буданд. Дар аморати Бухоро бошад 11 ташкилот ва дар хонигарии Хева ҳамагӣ як ташкилоти бонкӣ амал мекарданд.

Дар байни шаҳрҳо дар ҷои аввал Қӯқанд, ки 10 ташкилоти бонкӣ (як шӯъбаи бонки Давлатӣ, 8 ташкилоти бонкҳои хусусии марказӣ ва як бонки маҳаллӣ), дар ҷойи дуюму сеюм Бухорою Самарқанд (дар ҳар кадоми онҳо 8 ташкилотҳои бонкӣ) ва дар ҷои чаҳорум Тошкент (бо 7 ташкилоти бонкӣ) меистод.

Ба ғайр аз бонкҳои номбаршуда дар ҳудуди кишвари Туркистон боз ду бонкҳои марказии кишоварзӣ: Нижегородию Самарагӣ (аз соли 1899) ва Полтавагӣ (аз соли 1902) амал мекарданд. Онҳо ба соҳибони мулкҳои ғайриманқула-соҳибони заводҳо, замин, хонаҳо ва ғайра ба мӯҳлати аз 10 то 66 сол қарзи дарозмуддат медоданд. Вале, хусусиятҳои кишварро ба назар гирифта ин бонкҳо қарзро асосан ба мӯҳлати 20 солу 7 моҳ додаанд.

Бонкҳои тиҷоратии марказӣ дар сарзамини Осиёи Марказӣ мустақилона амал мекарданд. Онҳо танҳо ба садораташон (правленияашон) итоат намуда, дар асоси оинномаи худ фаъо-

лият мегузарониданд. Яъне, дар маҳалҳо ба фаъолияти бонкҳо ҳукуматдорони подшоҳӣ дахолат намекарданд.

Дар сарзамини имрӯзаи Тоҷикистон расман ягон ташкилоти бонкӣ ҷойгир нашуда буд. Фақат дар шаҳри Хуҷанд якто ташкилоти хазинахона (казначейство) амал мекард, ки он корҳои хурди бонкиро, аз ҷумла қабул ва фиристодани қарзҳо, ба қайд гирифтани қарзҳои векселӣ ва ғайраро иҷро мекард. Вале ин маънои онро надорад, ки сармояи бонкӣ ба сарзамини имрӯзаи Тоҷикистон сар надаровардааст. Пеш аз ҳама бояд ба эътибор гирифт, ки сармояи бонкӣ дар сарзамини Осиёи Марказӣ барои худ сарҳади амалиёт надошт. Аз ҳамин сабаб бисёр тоҷирону корчаллонҳои Хуҷанду Ӯротеппа ҳам аъзоёни фаъоли шӯъбаҳои бонкии дар Самарқанд, Қӯқанд ва дигар шаҳрҳо буда, ба ҳисоб мерафтанд. Масалан, шӯъбаи Самарқандии бонки Давлатии Русия (дар асоси маълумоти 1 январи соли 1915) дорои 440 нафар шахсони ваколатдор (аккредитивӣ) буд, ки аз онҳо 111 нафарашон аз уезди Хуҷанд (танҳо аз ш.Хуҷанд – 101 нафар, аз Ӯротеппа – 2 нафар, Ғулакандоз – 2 нафар ва ғайра ) буданд.

Мутасаддиёни бонкҳо бо мақсади ҳар чӣ васеътар паҳн намудани фаъолияти худ аз хизмати миёнаравҳо: рафоқатҳо, ширкатҳо, тоҷирони бонуфуз, далолҳо (комиссионерҳо) ва аробакашҳо моҳирона истифода мебурданд. Зеро худи бонкҳо имконият надоштанд, ки бевосита бо истеҳсолкунандагон – деҳқонон, ҳунармандон, косибон, чорводорон ва ғайра сарукор дошта бошанд. Бинобар ин шӯъбаҳои бонкҳо пулро ҳамчун қарз ба рафоқату ширкатҳо ва тоҷирони бонуфуз (бештари онҳо соҳиби заводҳои гуногун, махсусан заводҳои пахтатозакунӣ буданд) медоданд. Рафоқату ширкатҳо ва тоҷирони калон дар навбати худ қарзи аз бонк гирифтаашонро дар байни миёнаравони нисбатан хурд: тоҷирони миёна ва хурд, далолҳо (комиссионерҳо), аробакашҳо ва ғайра тақсим мекарданд. Ин гурӯҳ дар навбати худ қарзро ба истеҳсолкунандагон, аз ҷумла ба деҳқонон мерасониданд.

**Ширкатҳо ва рафоқатҳои маҳаллӣ**

Агар нуқтаи охири қарз ҳар чӣ қадар аз маркази ташкилотҳои бонкӣ дур бошад, фоизи қарз меафзуд. Яъне, агар